Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

6 феврали соли 2002. Чоршанбе № 10 (12753)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.40 имзо гардид.

Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ба муносабати оғоз ёфтани бо маблағфарогирии лоиҳаи ТАСИС-и «Мадад ба рушди раванди демократиконӣ дар Ӯзбекистон»-и Комиссияи Аврупо 4 феврал маҷлиси Кумитаи идораи он ба амал омад, ки барои мувофиқсозии фаъолияти ичрогарони алоқаманди ба рӯи об баровардани барнома махсус таъсис гардидааст.

Ташкилотҳое, ки дар тендер барои ичрои лоиҳа ғолиб омаданд, Консорсиуми аврупой дар симои «АБУ Консалт» (Олмон), «Сема Групп» (Белгия), «Нико» (Британияи Кабир) мебошанд. Истифодабарандаи лоиҳа Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аст.

Барномаи Иттиҳоди Аврупо мақсадро дар бобати ҷонибдории раванди амиқгардонии дигаргунсозиҳои демократӣ барои ҳосил шудани рушди устувори ҷамъияти адолатноки шарвандиро дорад, ки асосии онро волоият доштани қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ташкил дода, ба таҳкими муассисоти демократӣ дар Ӯзбекистон мусоидат мекунад.

Иттилооти

Комиссияи Марказии интихоботӣ дар бораи натиҷаҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки 27 январи соли 2002 гузаронда шуд

Комиссияи Марказии интихоботӣ натиҷаҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро, ки 27 январи соли 2002 гузаронда шуд, ҷамъбаст намуд. Зикр ёфт, ки овозҳиҳии умумихалқӣ дар пойгоҳи васеи демократия, кушоду ошкоро, бо иштироки намояндагони васеи аҳли ҷамъият, назоратчиён аз давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, расонаҳои ахбори оммавӣ, гурӯҳҳои ташаббускори шаҳрвандон гузаронда шуд. Ба иштирокдорони раъйпурсӣ тамоми имконият барои изҳор кардани азму иродаи озодонаашон фароҳам оварда шуд. Аз 13.266.602 шаҳрванде, ки ба рӯйхати овозҳиҳандагон дохил карда шуда буд, дар раъйпурсӣ 12.113.070 шаҳрванд иштирок намуд, ки 91,58 фоизро ташкил медиҳад.

Комиссияи Марказии интихоботӣ Протоколро дар бораи натиҷаҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон тасдиқ намуд. Мувофиқи Протокол масъалаи аввалро «Оё Шумо дар даъвати минбаъда ба интихоб кардани парлумони дупалатагии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон розӣ ҳастед?» 11.344.242 нафар ҷонибдорӣ карданд, ки онҳо 93,55 фоизи миқдори шаҳрвандонеро ташкил медиҳад, ки дар овозҳиҳӣ иштирок намудаанд. 768.828 овози рад дода шудааст, ки он 6,35 фоизро ташкил медиҳад.

Аз рӯи масъалаи дуюм «Оё Шумо ба тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол розӣ ҳастед?» 11.117.841 нафар, ё ҳуд 91,78 фоизи шумораи шаҳрвандоне, ки дар овозҳиҳӣ иштирок намудаанд, масъалаи мазкурро ҷонибдорӣ кардаанд. 995.229 нафар, ё ҳуд 8,22 фоиз муқобил овоз додаанд.

Комиссияи Марказии интихоботӣ қарорро дар ин бобат қабул кард, ки раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал омад ва масъалаҳое, ки ба овозҳиҳии умумихалқӣ гузошта шудаанд, аз тарафи шаҳрвандон маъқул дониста шудаанд.

Мавзӯи муҳими рӯз

Барномаи таъминоти пиронсолӣ

Инсон ба ҳаёт бо орзуву омол меояд ва барои амалӣ гардондани он тамоми қувваву ғайрат, дониш, маҳорати ҳудро сарф мекунад. Баробари ин бо қувва, ақлу заковат, фикри солими аз ҷониби Парвардигор иньомгардида оила барқарор мекунад, манзил месозад, боғ ба вуҷуд меоварад, фарзандонро ба камол мерасонад, ба оилааш, аҳли байташ зиндагонии фаровону серро фароҳам овардан мекӯшанд.

Чунин фазилатҳо инсонро ҳамчун инсон мешиносад, ӯро водор месозад, ки аз рӯи виҷдон ҳаёт ба сар барад. Чунки дар назди виҷдон ҷавоб гардондан пурсиши аз ҳама олитарин мебошад. Аз ҳамин сабаб дар синну соли дилхоҳ — чӣ ҷавонӣ, чӣ пиронсолӣ мудом аз паи он мегардад, ки аз ҳуд изи фаромӯшнопазир номи некро бокӣ гузораду мудом дар дилаш ҳисси муҳаббат нисбати зиндагӣ забона занад.

Вале табиат қонуни ҳудро дорад. Баробари сипарӣ шудани моҳҳо, солҳои зиёд инсон ба камол мерасад, дар кӯраи зиндагӣ пухта, ба синни пиронсолӣ мерасад. Ва дар пиронсолӣ инсон пеш аз ҳама зарурати ҷонибдорӣ ва эҳтиромро пеш аз ҳама аз оила, фарзандон, маҳалла, давлату ҷамъият бештар ҳис мекунад. Ва бо чунин ҷонибдорӣ, ғамхорӣ, меҳру муҳаббат кӯҳансолон гашти пириро хушу хурсандона мегузаронанд, ба ин меҳру муҳаббат бо саҳму ҳиссагузории ҳуд дар кору тадбирҳои мухталиф ҷавоб мегардонанд. Дар ин бобат саҳму ҳиссагузории онҳо пеш аз ҳама дар таҷрибаи бои ҳаётиву касбӣ, намунаи ибрати шахсӣ ва маслиҳатҳои мухталифашон намудор мегардад.

Беҳуда халқамон нафармудааст: «Бе пир марав, ки дар бимонӣ...» Ва дарҳақиқат, дар хонадон, маҳалле, ки кӯҳансолон ҳастанд, нисбати онҳо ҳурмату эҳтироми махсус зоҳир карда мешавад, ҳамон ҷо фаровон аст, ободонӣ ҳукм меронад, ризоият доман густурдааст. Махсусан дар хонадоне, ки кӯҳансол ҳаст, дар он ҷо мудом сулҳу осоиштагӣ, ризоият ҳукм меронад. Аз ҳамин сабаб беҳуда намегӯянд, ки «хонадоне, ки кӯҳансол дорад, дар паноҳи Парвардигор аст».

Алқисса, кӯҳансолон фариштаву чароғи хонадони мо, маслиҳатгару мушкилкушои ҳар кадоми мо ҳастанду дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ ба ҷонибдориву ғамхорӣ эҳтиёҷманд ҳастанд. Аз ҳамин сабаб сарвари давлатамон дар маҷлиси мутантан бахшида ба нӯҳсолагии Конституитсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон таклифро дар бобати «Соли эъзози кӯҳансолон эълон кардани соли 2002» пеш гузоштанд ва он аз тарафи аҳли ҷамъияти ҷумҳурият бо рӯҳбаландӣ пазируфта шуд. Дар ҳамон маҷлис Президент Ислом Каримов зикр намуданд, ки «мо набояд ҳеҷ гоҳ онро аз ёд барорем, ки дар комёбиҳое, ки дар роҳи ҳаётиамон ба даст омадааند, ҳиссаи калони волидонамон, собиқадорони мӯҳтарамамон низ мебошад. Мо бояд ба он саъю кӯшиш кунем, то ки ҳаёти онҳоро сабуку беҳтар созем. Махсусан мебояд он чиз арзёбӣ гардад, ки ин одамони иззатманд бо таҷрибаи бои ҳаётӣ, намунаи ибрати шахсӣ ва маслиҳати хеш дар бобати созмон додани ҷамъият низ ҳиссаи муносиби ҳудро мегузоранд...»

Ҳамин тавр, соли кунун Соли эъзози кӯҳансолон эълон гардида, ба ҳукумат таклиф пеш гузошта шуд, ки Барномаи давлатии «Соли ҳифзи манфиатҳои кӯҳансолон»-ро таҳия намуда, ба аҳли ҷамъият пешниҳод кунад. Ва Баномаи мазкур таҳия ёфта, ба қарибӣ дар ин бобат қарори махсуси ҳукумат қабул шуда, тавассути воситаҳои ахбори оммавӣ эълон гардид. Мувофиқи он тадбирҳои мушаххас андешида, амалӣ гардондани онҳо ба зиммаи вазорату идораҳои дахлдор, ҳокимияти маҳаллӣ гузошта шудаанд ва он ҳам бесабаб нест. Чунки то ҳол аз сабаби бефарқӣ, лоқайдӣ, муносибати беэътиборона баъзе роҳбарони дар маҳалҳо кӯҳансолонамон аз имтиёзҳои қонунии ҳуд пурра истифода набурдаанд, ки дар ин бора мактубҳо ба унвони рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳам гувоҳӣ медиҳанд.

Пеш аз он ки дар бораи Барномаи мазкур ҳарф занем, таъкид кардан лозим меояд, ки дар мамлакатамон алҳол беш аз 3 миллиону 87 ҳазор нафар нафақахӯр ҳастанду дар ҷамъиятамон мақоми махсусро ишғол мекунанд. Ва ба онҳо ҳар моҳ ба андозаи 28 миллиард сӯм нафақа дода мешавад. Дар айни замон онҳо бо ғамхорӣ ва ҷонибдории бисёр ташкилотҳои ҷамъиятӣ, минҷумла бунёдҳои «Нуроний», «Маҳалла» ва ғайра фаро гирифта шудаанд. Мувофиқи як қатор қонуну қарорҳои ҳукуматамон имтиёзҳои дахлдор ба нафақахӯрон, ишторкдорон ва маълӯлони ҷанг муқаррар гардидаанд. Масалан, онҳо аз додани андоз ба замин ва амвол батамом озод карда, имтиёзи муайянеро дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ, маишӣ, коммуналӣ ва нақлиётӣ соҳибанд.

Барномаи давлатии «Соли ҳифзи иҷтимоии кӯҳансолон» маҳз ба ҳамин табақаи аҳолӣ нигаронда шуда, он дар ҳамоҳангӣ бо Барномаи нишонидори ҷонибдории табақаҳои камбисоти аҳолӣ барои солҳои 2002-2003», ки Олий Маҷлис қабул кардааст, бо назардошти таклифу мулоҳизаҳои сохторҳои давлативу ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз қабили бунёдҳои «Нуроний», «Маҳалла», Кумитаи занон, Ҷунбиши ҷамъиятии «Камолот» ва ғайра таҳия гардидааст. Барои ба рӯи об баровардани он маблағи зиёде талаб карда мешавад. Аз он ҷумла, барои амалӣ гардондани он 91,3 миллиард сӯм талаб карда мешаваду бо 8 миллиард сӯм буҷаи давлатӣ саҳми ҳудро мегузорад. Маблаги боқимондаи 79 миллиард сӯм аз ҳисоби Бунёди нафақаи ҷумҳурӣ таъмин мегардад.

Агар Барномаи давлатии «Соли ҳифзи иҷтимоии кӯҳансолон»-ро бо диққат таҳлил намоед, дар он сурат пай мебаред, ки он давоми мантиқии фаъолиятамон дар бадали тамоми солҳои истиқлолият мебошаду ба усулияти аз нигоҳи иҷтимоӣ ҷонибдорӣ кардани табақаи камбисоти аҳолӣ ҳамоҳангӣ пайдо кардааст.

Барномаи мазкур аз панҷ фасл иборат буда, ҳар кадоми он тадбирҳои мушаххасу мақсаднокро пешбинӣ карда, пеш аз ҳама ба сабук кардани ҳаёти кӯҳансолон, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз кардани онҳо нигаронда шудааст.

Пеш аз ҳама идома додани анъаноти чандинасринаи қадршиносии кӯҳансолон аз барнома мақоми асосиро ишғол карда, дар ин бобат чӣ тавр шудани нақши оила, маҳалла, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ возеҳ нишон дода шудааст ва зикр ёфтааст, ки онҳо мебояд дар рӯшан кардан ва таблиғи анъаноти қадршиносии кӯҳансолон роли калонро бозанд.

Аз барнома тадбирҳои мухталиф оиди минбаъда пурзӯр кардани ҳифзи иҷтимоии кӯҳансолон, бехдошти сифати хизматрасонии тиббӣ, санаториву курортӣ, коммуналиву нақлиётӣ, пурзӯр кардани ғамхорӣ нисбати кӯҳансолону нафақахӯрони якка, маълӯлон, баланд бардоштани дарачаи хизматрасонии тиббиву иҷтимоӣ ба онҳо, таъмини иштироки фаъолонаи кӯҳансолон дар тарбияи авлоди солим ва ҷавонон, додани таҷрибаи касбиву ҳаётӣ, анъаноти нек ва арзишҳои фарҳанги ба онҳо, такмил додани низоми тарбия ва таҳсили авлоди навраси ҷавонон дар рӯҳи эҳтиром, қадршиносӣ ва ғамхорӣ пайваста зоҳир кардан нисбати кӯҳансолон ва ғайра ҷо пайдо кардааند диққату эътибори махсуси тамоми ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ ва ҷамъиятиро тақозо дорад.

Ба вусъат додани ҳаҷми расондани кӯмаки моддӣ ба нафақахӯрон, алалҳусус нафақахӯрон ва маълӯлони якка диққату эътибори махсус нигаронда шудааст. Аз он ҷумла тамоми маҳдудияти то ҳол мавҷуда оиди додани нафақа аз рӯи собиқаи корӣ аз меъёр зиёдатӣ аз байн бардошта шуд. Мувофиқи он як қатор имтиёзҳо оиди додани ҳаққи хароҷотҳои хизматрасонии коммуналӣ, таъмин будан бо роҳхатҳо ба санаторияву курортҳо, маҳсулоти протезиву ортопедӣ, доруву дармон ва дигар шаклҳои кӯмаки тиббӣ муқаррар карда шуданд, ки онро нафақахӯронамон, алалҳусус нафақахӯрону маълӯлони якка ба тезӣ ҳис мекунанд. Аз ҳама муҳимаш мониторинги мунтазамона оиди вазъи саломатии кӯҳансолони якка гузаронда, ба онҳо кӯмаки тиббии ройгон расонда мешаванд ва аз он кӯҳансолоне ҳам баҳравар мегарданд, ки дар маҳалҳо дурдаст истиқомат доранд. Дар дармонгоҳҳои ноҳиявӣ ташкил кардани марказҳои ташхисиву маслиҳатӣ ва ҳуҷҷоти геронтологӣ, вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли доруву дармоне дар назар дошта шудааст, ки ба он кӯҳансолон бештар эҳтиёҷманд ҳастанд. Санаторияҳо, профилакторияҳо, марказҳои махсус барои кӯҳансолон аз тармим бароварда, боз ба хизмати кӯҳансолон мепардозанд. Дар бобати истиҳоҳати бофаровати кӯҳансолон дар маҳаллаву деҳаҳо ҳам ғамхорӣ зоҳир карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як тадбири Барномаи мазкур самти мушаххас, мӯҳлати аниқи иҷрои онро пешбинӣ кардааст. Аз ҳама муҳимаш, иҷрогарони масъулро дошта, бо манбаи дахлдори молиявӣ фаро гирифта шудааст. Дар он зикр гардидааст, ки амалӣ гардондани вазифаи асосӣ дар ин бобат ҳамин мебошад: самтҳо, нуктаҳои он билохир бояд ба шароити ҳаёт, тандурстӣ ва кайфияти кӯҳансолон таъсири мусбӣ расонад. Яъне мазмуни асосии барномаро ин ташкил медиҳад: ягон кӯҳансол аз диққату эътибори давлату ҷамъият дар канор намонад, ҳудро онҳо ҳеҷ гоҳ яккаву танҳо ҳис накунанд.

Амалӣ гардондани Барномаи давлатӣ имкон медиҳад аз рӯи моҳият вазъи моддии кӯҳансолон беҳтар гардаду анъаноти ҷамъияти моро дар бобати зоҳир кардани диққату эътибори заруриро ойди ғамхорӣ ва қадршиносии махсус нисбати кӯҳансолон таҳким бахшад.

Соли кунун соли эъзози кӯҳансолон аст. Мо барномаи махсуси давлатии ҳудро ба кӯҳансолоне бахшидем, ки фариштаву чароғи хонадони мо мебошанд ва ин кори некамон albатта, ба Парвардигор ҳам манзур мегардаду ӯ саховату марҳамати ҳудро аз сарзаминамон дареғ намедорад.

Б. НОРАЛИЕВ,
номзади илми фалсафа.

Тайёрӣ ба — «Универсиада — 2002»

Дар ҳокимияти вилояти Бухоро маҷлиси Кумитаи ҷумҳурии тадорук оид ба тайёрӣ ва гузарондани мусобиқаҳои «Универсиада — 2002» ба амал омада, таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президент Т. Рисқиев гузашт.

Дар он зикр ёфт, ки охири моҳи маи соли ҷорӣ дар Бухоро мусобиқаи ҷумҳурии донишҷӯён таҳти унвони «Универсиада — 2002» ба амал меояду ҳуд номи олимпиадаи хурдро гирифтааст, беш аз 2800 нафар варзишгар аз ҳамаи муассисаҳои таълими олии мамлакатамон иштирок намуда, ҳам аз рӯи натиҷаҳои тимӣ ва ҳам шахсӣ барои ғолиби муборизо мебаранд. Дар он ҳамчунин иштирок намудани донишҷӯён аз мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои хориҷӣ дар назар дошта шудааст ва он ба тадбир аҳамияти байналхалқиро мебахшад.

Дар маҷлис раиси Кумитаи ҷумҳурии тадорук оиди тайёрӣ ва гузарондани «Универсиада — 2002», вазири маълумоти олӣ ва миёнаи махсус С. Ғуломов дар хусуси барномаи тадбирҳое, ки барои донишҷӯён таҳия гардидааст, тадбирҳои фарҳангӣ, фаъолияти умури матбуоти назди кумита ҳарф зад.

Дар он вазифаҳои навбатӣ муайян карда шуданд.

Дар маҷлис ҳокими вилояти Бухоро С. Ҳусенов иштирок намуд.

(Мухбири ҳудамон).

Ҳунарманд хор намегардад

Бахши ҳудудии Иттиҳоди «Ҳунарманд», ки дар шаҳри Маргелон арзи ҳастӣ мекунад, ба наздикӣ созмон ёфтанаш нигоҳ накарда, дӯстдорони бисёри соҳаи мазкурро муттаҳид сохтааст. Дар ин ҷо устоёне фаъолият пеш мебаранд, ки аз рӯи қариб 30 намуди ҳунармандии миллӣ сабақ дода, шумораи ҳунармандонро афзун мегардонанд. Азбаски шароити хуб барои меҳнат ва истироҳат фароҳам оварда шудааст, шумораи аъзои иттиҳодия пайваста зиёд мегардад. Чунончӣ, танҳо соли гузашта аъзои иттиҳодияи мазкур аз ҳисоби 198 нафар узви нави ҳуд афзуд.

Дар иттиҳодия дар бобати ҳимоя намудани ҳаққу ҳуқуқҳои ҳунармандон ва рушди ҳунармандии миллӣ тадбирҳои зиёди хайр ба ичро расиданд ва мерасанд. Баробари ин беш аз дусад нафар усто аз кӯмаки моддии ташкилоти ҳуд баҳра бардошта, дар маҳалҳо мактабҳои устову шогирд созмон ёфтаанд.

Дар оянда дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят кушодани мактаби устоду шогирд ба нақша гирифта шудаасту алҳол аз меҳнати зарбдоронаи Шоирахон Абдураҳимова, Раъно Эшонова, Дилрабо Дадабоева, Муқаддас Нишонова, Маҳбуба Каримова, Бобурҷон Абдураҳмонов барин ҳунармандони халқӣ ҳамагон мамнунанд.

Дар сурат: зардӯзон **Дилрабо ДАДАБОЕВА** ва **Шоирахон АБДУРАҲМОНОВА** ҳангоми кор.

Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ. (ЎзА).

Карор ва шарҳ

Дипломи Тошкандии Вестминстер

Баъди эълон гардидани истиқлолияти Ӯзбекистон баробари дигар соҳаҳои ҳоҷагии халқ ва маълумоти оливу миёнаи махсус низ дигаргунсозиҳои куллӣ рух доданд. Баъди қабул гардидани Қонун «Дар бораи таълим» ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо дар соҳаи таълими халқ, маълумоти оливу миёнаи махсус гардиши куллӣ ба вуҷуд омад. Таълими ҳатмии нӯҳсола ҷорӣ гардид. Барномаи таълим ба куллӣ тағйир ёфта, баробари андозаҳои байналхалқӣ ба фазилати (менталитети) халқамон ҳосу мос гардонда шуданд. Литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар, бакалавриат ва магистратура дари ҳудро боз намуда, ба ҷавононамон ба тарзи тамоман нав сабақу тарбия медиҳанд. Дар айни замон Бунёди «Умид» бо ҷонибдории як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ, минҷумла Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бисёр ҷавонони қобилиятноканонро ба хориҷ ба донишгоҳу донишкадаҳои бонуфузи ҷаҳон фиристод. Аввалин хатмкунандагони марказҳои аз ҳама бонуфузи таълими ҷаҳонӣ аллакай ба хизмати ҳоҷагии халқи ҷумҳурият пардохтанд. Баъзеашон бошанд, таҳсилро дар аспирантураву магистратураҳои аз ҳама бонуфузи хориҷ давом медиҳанд ва дар оянда ба ҷумҳурият ҳамчун мутахассисони хуб бармегарданд. Дар айни замон ҷавонписарону духтарони ӯзбекистонӣ ба боз як имконияти хуб ноил гардиданд. Яъне дар қаламрави ҷумҳурият ҳонда, соҳиби дипломи яке аз донишгоҳҳои бонуфузи Британиёи Кабир — Донишгоҳи Вестминстре шуда метавонанд. Яъне бо ҳамин ба арзон афтидани таҳсил муваффақ мегардем. Чунки то ҳол таҳсил дар хориҷ маблағҳои зиёдеро талаб мекард. Баробари ин ба таҳсил дар ин донишгоҳи мазкур асьори хориҷӣ талаб карда намешавад. Яъне таҳсил, ҳисобу китоби он бо асьори миллӣ амалӣ мегардад, ки як қатор қулаиҳоро ба вуҷуд меоварад. Баъзе одамон шӯхиомез мегӯянд, ки акнун ба Британиёи дурдаст нарафта, дипломи Донишгоҳи Вестминстерро дар Тошканд ҳам гирифтан мумкин аст. Яъне хатмкунандагони он дипломи тошкандии Донишгоҳи Вестминстер супурда мешавад, ки аз чиҳати нуфуз ягон монданӣ надораду қадру қиматаш баробар аст. Оре, ин орзуву омоли баъзе падару модарон дар бобати аз ҷониби фарзандонашон ба даст овардани дипломи Донишгоҳи Вестминстер акнун бе ягон ташвишу изтироб ҷомаи амал мепӯшад ва дар ин бобат ба рӯи об баровардани қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 16 январи соли 2002 нақши калон мебозад. Мувофиқи қарор дар пойтахти ҷумҳурият Донишгоҳи байналхалқӣ дари ҳудро боз мекунад, ки қадрҳои бакалавр ва магистри баландмалакаро мувофиқи барномаҳои байналхалқӣ тайёр мекунад. Яъне қадрҳои тайёргардида аз қадрҳое, ки Донишгоҳи Вестминстери Британиёи Кабирро хатм менамоянд, ягон камбудӣ надоранд. Бояд тазаккур дод, ки ташаббускори созмон додани Донишгоҳи мазкур дар Тошканд Бунёди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Умид» оиди ҷонибдории таҳсили ҷавонони қобилиятнок дар хориҷа, Вазорати маълумоти оливу миёнаи махсус, Шӯрои Британӣ ва Донишгоҳи Вестминстер мебошанд ва ба ичрои вазифаҳое таъин гардидаанд, ки ҷавобгӯи Қонун «Дар бораи таълим» ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳоянд. Ба ҷумлаи вазифаи асосии Донишгоҳи мазкур ба рӯи об баровардани тайёркунии кадрҳо аз рӯи низоми бакалавриат ва магистратура мувофиқи самтҳои «Иқтисодиёт», «Менеҷмент», «Технологияи иттилоотӣ», «Ҳуқуқ» аз рӯи талабҳои байналхалқии аз ҷониби умум эътирофгардида ва созгории талабҳои сифати таълими олӣ, мақсаду вазифаҳои Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ҳисобида шудааст. Дар айни замон донишгоҳи мазкур ба мақсади дар ҷумҳурият ба роҳ мондани тайёр кардани кадрҳои баландмалакаи дорои маълумоти олӣ мувофиқи талаби андозаҳои байналхалқии таълим, фароҳам овардани шароит барои амалӣ гардондан ва босамар истифода бурдани неруи ҷавонони қобилиятнок ба тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, вусъати минбаъдаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои номдори маълумоти олии мамолики мутараккӣ созмон дода мешавад. Ба ҳамагон аён аст, ки Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ба роҳ мондани ҳамкории байналхалқиро дар соҳаи таълим ва тайёркунии кадрҳо яке аз саммати муҳим пешбинӣ кардааст ва дар ин бобат корҳои зиёде ба ичро расиданд, тадбирҳои сершумор андешида шуданд ва алҳол аз паи амалӣ гардондани он мекӯшанду натиҷаҳои назаррасро ба даст меоваранд. Ва онҳо барои маълумотгирии ҷавонон мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ, алалҳусус барои аз комёбиҳои илми ҷаҳонӣ бархурдор гардидани ҷавонони қобилиятноки ӯзбекистонӣ низ нақши муҳими ҳудро ҳоҳад бозид. Зеро дар қарори ҳукумат ба рӯи об баровардани тадбирҳои зиёде пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо бешак, барои фаъол пурзӯр гардидани рафти корҳо дар бобати созмону арзи ҳастӣ кардани Донишгоҳи Вестминстер дар Тошканд мусоидат мекунанд. Баробари ин дар пойтахти ҷумҳурият созмон додани чунин донишгоҳи бонуфуз ба он мадад мерасонад, ки равиши замонавии таълимӣ, технологияи навтарини таҳсил, техника ва қадрҳои аз ҳама баландмалакаи омӯзгории Британиёи васеъ истифода гардида, дар бобати тайёр кардани кадрҳо таҷрибаи ҷаҳонӣ бештару васеътар ба кор бурда шавад. Охир донишҷӯёни Донишгоҳи Вестминстери Британиёи алҳол ба савияи баланди ҳуд, маҳорати касбиашон номвар шудаанд ва ин аньана дар Тошканд ҳам идома ёфта, обрӯву эътибори дипломи донишкадаи Британиро боз ҳам баландтар мебардорад. Агар қарори ҳукумати ҷумҳуриятро бодиққат мутолиа намоед, дар он сурат пай мебаред, ки дар он чунин тадбирҳо пешбинӣ гардидаанд: Аввало, таҳсил дар донишгоҳ аз рӯи грантҳои Бунёди «Умид» ва дар пойгоҳи пулакиву қарордодӣ, таҳсили рӯзона мувофиқи андозаҳои таълим, нақшаву барномаҳои таълимии бакалавр ва магистратурае амалӣ гардонда мешавад, ки дар донишгоҳ мувофиқи тартиб ва мӯҳлате ба рӯи об баровардаа мешавад, ки Низом дар бораи Донишгоҳи байналхалқии Вестминстер муқаррар кардааст. Аттестатсияи хатмкунандагони донишгоҳ мувофиқи талабе гузаронда мешавад, ки дар донишгоҳи Вестминстер муқаррар гардидааст. Дипломи донишгоҳи мазкур ғувоҳӣ медиҳад, ки хатмкунанда соҳиби маълумоти олӣ гардидааست ҳуҷҷатест, ки дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон гирифтани маълумоти олиро тасдиқ мекунад ва аз чиҳати нуфуз, аҳамият аз дипломҳои дигар мамлакатҳо ягон фарқе надорад. Дар Донишгоҳи мазкур баробари мутахассисони хориҷӣ кормандони беҳтарини соҳаи мо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Ба ҳамин мақсад озмун гузаронда шуда, таҷрибаомӯзии омӯзгорон ва мутахассисони беҳтарини ҷумҳурият дар Донишгоҳи Вестминстер ба роҳ монда мешавад. Тадбирҳо оиди бо маблаг фаро гирифтани Донишгоҳи байналхалқӣ низ пешбинӣ гардидаанд. Вай асосан аз ҳисоби маблаге, ки аз донишҷӯён дар пойгоҳи пулакиву қарордодӣ ҳосил мегардад, васоятгарони хориҷиву ватанӣ, грантҳои Бунёди «Умид» ва ташкилотҳои байналхалқӣ, ҳамчунин аз ҳисоби бучаи давлатӣ бо пул таъмин карда мешавад. Дар айни замон Донишгоҳи мазкур ба муддати панҷ сол аз додани тамоми намудҳои андоз ва пардохти гумрукӣ ба таври истисно озод карда шудааст. Дар бобати гирифтани визаҳо, дароз кардани мӯҳлати онҳо, додани ҳақ бо асьори миллӣ ба коркунони Донишгоҳи мазкур як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд, ки бешак барои дар фурсати кӯтоҳ ба роҳ мондани ҷараёни таҳсил, ба даст овардани натиҷаҳои хуб кӯмаки калоне хоҳад расонд. Донишгоҳи байналхалқии Вестминстер вазифаҳои ҳудро дар пойгоҳи ба рӯи об баровардани мақсадҳое ба роҳ мемонад, ки созгори Қонун «Дар бораи таълим» ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ва андозаҳои байналхалқии таълим мебошанд. Дар айни замон хатмкунандагони он бояд дониши ҳудро дар давлати дилхоҳ истифода бурда метавонанд. Яъне дипломи тошкандии Донишгоҳи Вестминстер эътирофи байналхалқӣ пайдо мекунад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҷумҳурияти мо таҷрибаи бое дар бобати ҳамкорӣ бо муассисаҳои номдори таълими мамолики Аврупо ҳосил шудааст. Аз он ҷумла, бо муассисаҳои таълимии Британиёи Кабир ҳам равобит торафт мустаҳкам мегардаду самараи хуби ҳудро мебахшад. Мутахассисон мегӯянд, ки низоми таълими Британиёи на танҳо бо татбиқи навгониҳои пай дар ҳам, балки ҷорӣ кардани равишҳои нав ба нави пешқадамашон фарқ мекунад. Ва он дар Донишгоҳи Вестминстери Британиёи ҳам мустаҳкам ҷо пайдо кардаасту дар ин бобат шаку шубҳае нест, ки ҳамин қабил таҷрибаҳои пешқадам аз низоми таълими оливу миёнаи махсуси ҷуҳурияти мо ҳам масъан пайдо карда, дар бобати боз ҳам баланд гаштани обрӯву эътибори соҳаи таълими мо нақши калоне мебозад. Алқисса, қарори ҳукуматамон дар бобати созмон додани Донишгоҳи байналхалқии Вестминстер дар Тошканд боз як нишонаи ғамхории ҳукуматамон нисбати ҷавонон мебошад ва пурра ба рӯи об баровардани тадбирҳои дар он пешбинигардида дар бобати рушди таълим дар ҷумҳурият нақши калоне мебозад.

Э. НОДИР.

Шабдибобо Сиддиқов дар шаҳраки Искандари ноҳияи Бӯстонлиқ зиндагӣ дорад. Алҳол аз баҳори умри худ гули ҳаштодумро мечинад. Солиёни дароз ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёт дар бобати тарбияи авлоди наврас саҳми калон гузоштааст. Ӯ соҳиби даҳ фарзанд ва 30 набера мебошаду гашти пириро меронад.

Дар сурат: Шабдибобо СИДДИҚОВ дар ҳалқаи пайвандон.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Навигариҳои вилояти Наманган

Таъмир дар авҷ

НӮРИН. Имрӯзҳо дар сеҳҳои саройи мошину тракторӣ ноҳия таъмиру тармими техникаи хоҷагии қишлоқ бо суръати баланд идома дорад. То ҳол 60 тухмипошаки ба зери пардаи сунъӣ кишткунанда пурра созу таъмир шуда, ба хатти тайёрӣ омода гардидааст. Аз 50 тухмипошаки оддӣ 40-тоаш аз таъмир бароварда шудааст. Даврон Бекмирзоев, Исроил Бойматов, Қаландар Искандаров, Шариф Маннонов, Фарҳод Рустамов барин таъмиргарон рӯзе 2-3 тухмипошакро хушсифат таъмир намуда намунаи ибрат мегарданд. Мақсади таъмирчиён дар фурсати кӯтоҳ тамоми 153 тухмипошак ва трактороҳои кишткорро ба мавсим омода кардан аст.

Тадбирҳои зарурӣ

МИНГБУЛОҚ. Чанд сол аст, ки пахтакорони ноҳия фармоиши давлатии пахтатайёркуниро иҷро намекунанд. Яке аз сабабҳои асосии иҷронашавии он ба пиндори мутахассисону деҳқонон вайроншавии сохти истифодабарии заминҳо ва дар оқибати он ба шӯрҳок табдил ёфтани майдонҳои кишткор мебошад. Бинобар ҳамин ҳолати ногувор ҳосилноки сол то сол паст мешавад. Пахтакорони хоҷагиҳои ноҳия аз ин камбудиҳо хулосаи зарурӣ бароварда, имрӯзҳо корҳои обёрӣ ва шустани шӯрзаминҳоро бо суръати баланд давом медиҳанд. Ба корҳои ҳамворкунӣ ва полгирӣ барои шустани шӯрзамин 45 бульдозер, барои тозакунӣ чӯю заҳбурҳо 44 экскаватор сафарбар шудааст. Мелиораторон то оғози мавсими кишткор бояд 1074 километр чӯю заҳбурҳоро ба тартиб оварда, таъмир намоянд. Ба ин корҳо сарф намудани 1 миллион 693 ҳазор сӯм пешбинӣ шудааст. Корҳои обьёрӣ ва шустани шӯрзаминҳо дар хоҷагиҳои ширкатии «Гигант», «Гулбоғ», «Истиқлол» ва «Наманган» намунавӣ ташкил ёфтаанд.

А. НУРИДДИНОВ.

Крепс Галина Сергеевна коргарзани пешқадами Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Газалкентойна»-и ноҳияи Бӯстонлиқ буда, алҳол ба ҳайси технологияи истеҳсолоти оина фаъолият дорад.

Дар сурат: Галина КРЕПС намунаҳои маҳсулоти ҷамъиятро муоина мекунад.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Молҳо ба ҷои таъиншуда

То айни замон ба Афғонистон тавассути бандаргоҳи Тирмиз ва кӯпруки Тирмиз — Ҳайратон зиёда аз 29 ҳазор тонна борҳои хайрхоҳона гузаронда шудааст.

Ин рақам дар нишасти матбӯотӣ барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳаллӣ ва хориҷӣ, ки раёсати оид ба вазъияти фавқулоддаи вилояти Сурхондарё, ки гузарондани борҳои хайрхоҳонаро мутобиқ месозад, гузаронд, оварда шуд.

Молҳои истеъмоли халқӣ ва либосвориҳое, ки СММ, Ташкилоти байналхалқии бачагон, Барномаи байналхалқии озуқаворӣ, Ҷамъияти байналхалқии Салиби Сурх мефиристонанд барои дарди халқи афғони аз ҷангҳои бисёрсола азияткашида марҳам мегардад. Аз ин рӯ ёрии хайрхоҳонаи аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тирмиз омада бидуни сусткорӣ, сари вақт ба ҷои таъиншуда — дигар соҳили Амударё гузаронда мешавад.

Дар рӯзи гузарондани раъйпурсӣ дар Ӯзбекистон бо роҳи оҳан ба Афғонистон 331 тонна бор гузаронда шуд.

Чорӣ ТӮХТАЕВ,
мухбири ӮзА.

Ба ҷои табрик

Фидоии илм ва мураббии дилсӯз

Рағбату иштиёқ ба тадқиқу таҳқиқи илм дар дили Музаффар хеле барвақт — ҳанӯз солҳои донишҷӯӣ пайдо шуда буд. Дар оғози фаъолият ба масоили таърих ва назарияи мантиқ таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Таълифоти аввалини ӯ маҳз дар доираи чунин мавзӯот буд. Дар рисолаи «Мантиқ ва тафаккури дуруст» ба забони ӯзбекӣ бори аввал аз хосияти қавоиди мантиқ ва аҳамияти он ба илми рӯз мӯҳокима рондааст. Солҳои охир низ майли ӯ ба мантиқ кам набуд.

Пас аз хатми аспирантура Хайруллоев дар соҳаи омӯзиши афкори фалсафӣ — иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёнаву Қазоқистон ҳамчунин мантиқ, назария ва таърихи фарҳангҳо чун мутахассиси баландмалака ва ояндадор арзи ҳастӣ намуд.

Рисолаи номзадӣ ва докториашро таҳти роҳбарии академик И.М.Муъминов — файласуф ва ташкилотчии барҷаста ҳифз намудааст.

Чанд масоили илмие, ки Хайруллоев дар тадқиқоти хеш доир ба таърихи афкори фалсафӣ иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна ва аҳамияти он афкор ба рушди маданияти миллӣ ба миён гузоштааст, саҳми назаррас ба омӯзиши мероси маънавии ин минтақа буд.

Рисолаҳои ба табъ расидаи ӯ: «Форобӣ ва рисолаҳои фалсафаи ӯ», «Аҳамияти ҷаҳонбинии Форобӣ дар таърихи фалсафа», «Мероси маданӣ ва таърихи афкори фалсафӣ», «Форобӣ», «Маданият ва мерос» ва ғайра доир ба омӯзиши мероси маънавии халқҳои Шарқ тадқиқоти ҷиддиянд.

Мероси Форобӣ, ки ба омӯзиши он бори аввал Хайруллоев даст задааст, ҳалқаи пайвандии афкори фалсафии юнонӣ, уламои асри миёнаи араб, дар маҷмӯъ Шарқ маҳсуб меёбад.

Доир ба афкори фалсафӣ ва рисолаҳои Форобӣ Хайруллоев ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ чандин мақола ва осори кӯчаки илмӣ ба дасти чоп додааст. Бо ин амал исбот намуд, ки сатҳи маънавии халқҳои Осиёи Миёна баланд аст ва онҳо ба рушди фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштаанд. Рисолаи ӯ «Абӯ Наср ал-Форобӣ», ки соли 1982 ба тавассути нашриёти «Наука» ба дасти чоп расид, аз ҷониби аҳли илм баҳои баланд гирифт.

Устод ҳамчунин дар тадқиқоти хеш ба ҳаллу фасли ақоиди мантиқӣ — фалсафии Муҳаммади Хоразмӣ, Абӯабдуллоҳи Хоразмӣ ва Ибни Сино таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Маҳсули кори ӯ дар ин бобат таҳти номи «Абӯабдуллоҳи Хоразмӣ» (бо ҳамроҳии Р.Баҳодуров) аз тариқи нашриёти «Наука»-и Маскав ба дасти аҳли илм ва хонандагон расидааст. Дар боло зикр намудем, ки мантиқ ва таърихи он ҳамеша яке аз мавзӯъҳои муҳими мавсуф буд. Диққати ӯро мантиқи шарқона ба худ мекашид. Хайруллоев дар таълифоти хеш «Марҳалаҳои асосии рушди илми мантиқ» мухтасар ба ғояҳои мутафаккирони асримиёнагии Осиёи Миёна, ки ба тараққиёти афкори мантиқиии ҷаҳонӣ саҳм гирифтаанд, рӯшанӣ андохтааст.

Ба сифати директори Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон М.Хайруллоев дар ташкил ва таҷлили ҷашнҳои алломаҳои Шарқ — Абӯалӣ ибни Сино (1981), Ал-Хоразмӣ (1983) фаъол буд. Ба нашри мақола ва рисолаҳои илмӣ доир ба ҳаёту фаъолияти иҷодии бузургӯи Шарқ, аз қабили «Абӯалӣ ибни Сино — иҷод ва таҷчимаи ҳол», «Абӯалӣ ибни Сино ва илмҳои табиӣ», «Ибни Сино», «Ал-Хоразмӣ-олими бузурги қуруни васат», «Ал-Хоразмӣ. Рисолаҳои астрономӣ» ва ғайра ҳаммуаллифӣ ва роҳбарӣ кардааст.

Барои тадқиқ ва ташвиқи мероси гаронбаҳои мутафаккири Шарқ Абӯалӣ ибни Сино (Авецина) ва 1000-умин солгарди аллома соли 1982 Пажӯҳишгоҳи Шарқшиносии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон сазовори мукофоти байналхалқӣ гардид.

М.Хайруллоев доир ба масоили фалсафаи Шарқ ва таърихи афкори фалсафии халқҳои Осиёи Марказӣ дар анҷуманҳои байналхалқие, ки дар Австралия, Англия, Олмон, Венгрия, Ҳиндустон, Финландия, Шветсия, Ҷопон, Туркия, Фаронса ва дигар мамлакатҳо баргузор гардидаанд, баромадҳо кардааст. Маҳсули кораш дар шакли мақола ва рисола ба забонҳои англисӣ, немисӣ, арабӣ, форсӣ, урду ва ғайра рӯи ҷоп ро дидаанд.

Дар мактабҳои олӣ аз дастуру китобҳои таълифнамудаи ӯ ва ҳамкасбонаш: «Масъалаҳои ахлоқ», «Асосҳои илми фалсафа», «Аз таърихи афкори фалсафӣ — иҷтимоии Ӯзбекистон», «Таърихи педагогика» ва ғайра васеъ истифода мебаранд. Китоби дарсии ӯ «Мантиқ» бо ҳаммуаллифии М.Ҳақбердиев, ки соли 1994 такрор аз чоп баромад, дастури муфид ба шумор меравад.

М.Хайруллоев ба беш аз 150 рисолаи илмӣ муҳаррир буд, дар Ӯзбекистон ва хориҷ аз он беш аз 600 рисолаву мақолоташ ба табъ расидаанд. Баромадҳои илмии ӯ дар анҷуманҳои байналхалқӣ зуд-зуд ба вуқӯъ мепайваст.

Устод хеле олимони ҷавонро тарбият кардааст. Таҳти роҳбарии ӯ беш аз 60 рисолаи номзадӣ ва докторӣ дифоъ шудаанд. Шогирдонаш дар Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ва мактабҳои олии ҷумҳурият бо муваффақият кор мекунанд. Таҷрибаҳои илмӣ ва ҳаётиашро доир ба таърихи фалсафа ва мантиқ дар курсҳои махсус бо донишҷӯён баҳам мебинад.

Меҳнати ӯ дар пойгоҳи илм ва тарбияи мутахассисони ҷавон борҳо бо ордену медалҳо ва граоматаҳои фахрӣ тақдир карда шудаанд.

Ба шарофати истиқлол мазмуни ҳаёт нав гардид, арзишҳои миллӣ эҳё шуданд, ба рӯи илм ва маънавият роҳи фарох боз гардид, ба мероси ниёгон эътибори алоҳида дода шуд.

Соли 1993 М.Хайруллоев бори дигар директори Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абӯрайҳон Беруниии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон таъин гардид. Ва бо неруи тоза ба омӯзиши фарҳангу таърихи ғании халқҳои Ӯзбекистон камари ҳиммат баст.

Осори илмии олим ва асарҳои таҳти роҳбарии ӯ офаридашуда: «Мантиқ», «Аз таърихи афкори фалсафӣ — иҷтимоии Ӯзбекистон», «Фарҳанги даври Эҳёи Осиёи Миёна», «Аллома ва симоҳои бузург», «Ахтарони осмони маънавият», «Таърихи педагогика» ва ғайра дар омӯзиш ва ташвиқи таъриҳи фарҳангамон саҳми бузург гузоштаанд.

Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абӯрайҳон Беруниии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон таҳти роҳбарии академик дар ташкил ва таҷлили ҷашни аллома, арбобони давлатӣ ва уламои ислом аз қабили Амир Темур, Улуғбек, Аҳмади Фарғонӣ, Исмоили Бухорӣ, Мотрудӣ, Маргинонӣ, Нақшбандӣ ва дигарон хеле фаъол буд.

Пажӯҳишгоҳ таи солҳои охир дар ҷумҳурият ва хориҷ аз он хеле корҳои тадқиқотӣ, рисола ва маҷмӯаҳои илмиро интишор намуд.

Олими нуктадон ва жарфбин Музаффар Хайруллоев имсол баҳори 70-уми умрро истиқбол мегирад. Ба ин муносибат мо — шогирдон ва мухлисонаш ӯро самимона табрику муборакбод менамоем. Сиҳҳатии бардавом ва комёбиҳои нав ба нави эҷоди ёр бод устодро!

Ш. МӮСОЕВ,
А. МАДРАИМОВ,
ходимони калони илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи А.Беруниии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон.

Юсуфи ПОНҒОЗӢ

Сафарнома

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта.)

Тамошои Вашингтон

Дар сафари пеорсола имкон надоштам, ки берун аз ду штат, Ню-Йорку Ню-Ҷерсӣ равам, аммо порсол писарҳо имкон пайдо карда, рӯзе бо ман ба шаҳри казиноҳо-Атлантик-Ситӣ ва Вашингтон-пойтахти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико равона шуданд. 18 августи соли ҷорӣ, соати панҷи бъди нисфирӯз сӯи мақсад равона шудем. Роҳ сӯи мақсад васеъ ва равон аст. Аз он се қатор васоити ҳудрав равонанд. Дар паҳлӯ боз як чунин шоҳроҳ ба ҳамонсамт, се қатор. Ба сӯи мутақобил ҳам инчунин ду шоҳроҳи барои ҳар қадом се қадар мошинҳо пешбинишуда мавҷуд аст. Рӯзҳои шанбею якшанбе ҳамин роҳ ҳам ҷараёни мошинҳоро базӯр таҳаммул мекунад. Онҳо аз байни анбӯҳи ҷангал ва кабудизор мегузаранд. Чун рӯзи шанбест, ҷараёни ҳаракат ба сӯи Атлантик-Ситӣ бештару зиёдтар аст. Одамон бъди ҳафтаи кор барои дамгирӣ, бозикунон истироҳат кардан ба ин шаҳр меоянд. Дар мошинҳо ду нафарӣ, чаҳоркасӣ ва аз он ҳам зиёдтар равонанд. Дар мошини пеш-пеши мо як нафар. Аҷоиб, оинаи паҳлӯро поин карда, як пояшро берун бароварда мошин меронад. Наздиктар шуда бинем, духтари 18-20 солае. Як по болои пошвори газу як поро берун бароварда, ба тавраш мазза карда меравад. Охир ин мошин аст хатарнок нест магар? Гӯё писар фикрамро хонду афзуд:

— Хатар надорад, — гуфт Алишер. — Мошинҳои Амрико ҳама суръативазкунаки автоматӣ доранд.

— Танҳо як пошвори газ ҳаст. Хатаре пеш ояд, пойро ба пошвари тормоз мемонад, степление надорад,— мегуяд Фаррухӣон.

— Пулисро бинад, худашро ҷамъ мекунад. Албатта чунин мошинроҳӣ авбошист, — нуқта монд ба сӯҳбатамон Алишер.

Ҳангоми гӯвгум ба Атлантик-Ситӣ даромада омадем. Шаҳр дар оғуши чароғҳои ҳарранга буд. Номи меҳмонхонаву казиноҳо бо люминатсияи чароғҳои ҳарранга ифода шудаанд. Гӯё бо ҳарфҳои заррини рангашро тағйир диҳанда навишта шудаанд. Аз рӯ ба ру меҳмонхона ва казинои нахустин намудор мешавад. Номаш «ТСЕЗАР» меҳмонони аз Осиёи Марказӣ омада одатан ба «ТОҶ МАҲАЛ» медароянд. Ҳиндустониҳо ҳатман ба ин ҷо меоянд. Мошинро ба истгоҳи чандқабатае, ки ба он бо лифт баромада мефуроянд, монда ба тарафи казино роҳ гирифтем. Дар истгоҳ, барои мошин аз чанд соат истоданатон қатъи назар танҳо 2 доллар мегирифтаанд. Дар баъзе истгоҳҳои марказии Ню-Йорк барои истодани мошин ҳар соат то 15 доллар меситонанд.

Инак, шаҳри Атлантик-Ситӣ. Ин шаҳр аслан шаҳри казиноҳо. Аз барпо намудани он ҳам мақсад ҳамин буд. Дар он 30-35 казинои калон ҳаст гӯем хато намешавад. Одамҳо моҳҳо инҷо аз казино намебароянд. Он ҷое, ки казино ҳаст, ҳатман меҳмонхона ҳаст. Он ҷое, ки меҳмонхона ҳаст, ҳатман казино вуҷуд дорад. Онҳо ядигарро пур мекунанд, ядигарро таҳозо мекунанд, бе ядигар буда наметавонанд. Казино чи буданошро ҳама медонад. Барои онҳое, ки намедонанд, мегӯям. Ба забони мо каме даҳалтар. Одамон дар ин ҷо бо ядигар нею бо қиморхона бозӣ мекунанд. Анвои автоматҳои компютерии қиморбозӣ мавҷуд аст. Ба ғайр аз автоматҳо дар ин ҷо ҳамаи хелҳои қимори ҳамаи миллатҳои рӯи замин мавҷуд аст. Ба дов аз панҷ сент то садҳо доллар монда мешавад. Ба назди яке аз автоматҳо рафта, 20 доллар банкнотро ба сӯрохии махсус халондем. Ба зарфи махсус (пулдон) 80 адад тангаи 25 сентӣ рехт. Яктӣ, дусетӣ сӯрохи махсус мепартоеду сонӣ тугмаҳои васлкуниро пахш мекунед. Автомат ба кор афтода, дар пеши назаратон ғалтак давр зада, сонӣ меистад.Нақши ҳар гуна се хел мева, ҷонзот дар як саф, ё каме болою паст қатор мешаванд. Писари калонӣ бозӣ мекарду мо ду нафар тамошобин будем. Тангаҳо кам-кам коҳиш меёфтанд. Чанд дона танга монданошро ҳам чароғаки рақамӣ нишон медиҳад. Як бора ба пулдон таҳа-таҳакунон тангаҳо афтодан гирифтанд. Бинам дар як қатор се меваи яхҳела рост саф оростаанд. Шумораи тангаҳо ба 105 адад расид. Сонӣ боз хеле кам шуду сонӣ боз даст омад. Адади тангаҳо ба 240 дона расид. Дидам, ки ин мошинҳоро фиреб додан мумкин нест, гуфтам:

— Биё бачам бурд кардӣ, ҳаминат бас аст, қимор шайтон дорад, аввал як медиҳаду сонӣ чаҳорчанд бармегардонад ҷоқ мекунад, — аммо шайтон намонд. Ба дигар миз наздик шудем. Дар доираи калони гирдогирд рақамҳои 1,5,10,20,45. Дар байн акрабаки соат барин, танҳо як тир. Банкноти коғазиро мутасаддии бозӣ ба сӯрохе халонда, бар иваваш фишкаҳои ба тангаҳо монандро медиҳад. Ба болои кадом рақам чанд дона аз онҳо монед, агар акрабаки доира дар рӯ ба рӯяш истад, ҳамон рақам бурд мекунед. Ба якеаш мебарояд. Бештар ба рақами 1 мебарояд. Ин бозиро шайтонаш ҷавитар будааст. Ба инаш монед, дигараш бурд мекунанду ба дигараш монед, инаш. Хуллас 200 долларро бойдода, ба лаб кулӯх монда баромада рафтем.

Хуллас, фалсафаи бозӣ Нисори маблаге, ки ҳамон рӯз ба дов меафтад, дар казиноҳо мемонад, яъне ташкилкунандагон, соҳибони казино аз ду сар бурд мекунанд. Аксар бой медиҳанд. Ба баъзеҳо, ки бахт метобад, 1000-2000, ҳатто 10.000-15.000, билохира то маблаги 6-7 рақамӣ бурд мекунанд. Бозингарони (муштариёни) доимӣ статус ҳам доранд. Ба онҳо гувоҳномаи аъзогии клуби (қиморбозон) казиноро медиҳанд. Онҳо ҳуқуқи дар меҳмонхонаҳо бепул зиндагӣ кардан, маҷонӣ хӯрок хӯрдан, ба истгоҳ пул надодан ва ҳатто аз дигар шаҳр телефон карда, лимузин (мошинҳои савории дароз) даъват карда ба казино рафтанро доранд. Аз бисёр шаҳрҳои штатҳои Ню-Йорк, Ню-Ҷерсӣ, Мэрилэнд, Варгиния, Филаделфия, Пенсилвания ва ғайра ба ин шаҳр барои истироҳат, бурд кардану бойдодан дар ҳар гуна нақлиёт мошинҳои сабукрав ,автобусҳо ба казиноҳо меоянд. Казино пур аз нафақахӯрон. Пирамардони 80-сола ва пиразанҳои аз он ҳам калонсонтар дар ин ҷо шабу рӯз мешинанд. Шояд манбаи даромад доранд, ки танҳо барои каме хӯ карда, ҳушёр шудан ба меҳмонхона медароянд. Манбаи даромад бо-нанд.

Инак, мақсади асосӣ тамошо. Баъди Атлантик-Ситӣ соати 12-и шаб ба сӯи пойтахти ИМА-Вашингтон роҳ пеш гирифтем. Забон донед аз нишонаҳои роҳ манзилро ёфта рафтан ҳеҷ гап нест. Бачаҳо монда шуда буданд, сари роҳ бургеркинг хӯрда, соати якуними шаб сӯи Вашингтон ҳаракат кардем. Баъди якуним соати роҳ писарҳоро водор кардам, ки дар ҷои муносиб истода хоб кунанд. Барои истироҳат истодем. Соати 7-и субҳ онҳоро бедор кардам. Бо қаҳваю хӯроки сабук субҳонӣ карда, роҳамонро идома додем. Соати 9-и пагоҳирӯзӣ ба Вашингтон даромада рафтем.

Пойтахти ИМА шаҳри хурд. Асосан шаҳри маъмурӣ. Вазоратҳо, корпусҳои дипломатӣ ва баъзе ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ дар ин шаҳр ҷой гирифтаанд. Пойтахти Амрико дар округи федералии Колумбия маскан гирифтааст ва воҳиди мустақили маъмурӣ ҳисоб мешавад, вале ҳуқуқи штатро надорад. Ибтидо барои округ аз заминҳои Виргиния ва Мэрлэнд замин додан пешбинӣ шуда буд. Аммо маъмурияти штати Виргиния бо ин нақша розӣ нашуд. Танҳо округи Мэрилэнд замин дод. Округ дар Конгресс намояндаи худро надорад, аммо мушоҳидакунандагонаш (агар хоҳиш дошта бошанд) дар ҷаласаҳои Сенат ва Палатаи намояндагон иштирок карда метавонанд. Дар асоси ислоҳи 23-юми Қонун вашингтонгиён ҳуқуқи дар интихоби президент ва нонби президент бо се ҷой дар коллегияи интихобкунандагон иштирок менамоянд.

Соли 1974 хартияе тасдиқ шуда буд, ки дар асоси он ба вашингтончиён ҳуқуқи интихоби мэр (ҳоким, мири шаҳр) ва 13 нафар аъзои шӯрои шаҳр дода шуд. Аммо Вашингтон ҳанӯз моҳи октябри соли 1790 пойтахти федералӣ эълом шуда буд. То ин вақт Филаделфия пойтахти муваққатӣ буд. Вале Конгресс тасмим гирифт, ки президент ва ҳукумат дар тобеияти ягон штат буда наметавонанд. 18 сентябри соли 1793 Ҷорҷ Вашингтон ба пойдевори самти (қаноти) шимолии Капитолий санги нахустин гузошт, баъди боз 7 сол президент Адамс ба пойтахти нав пурра кӯчида гузашт.

Округи Колумбия танҳо соли 1871 пурра воҳиди мустақили маъмурӣ гардид. Ба ҳайати он шаҳрҳои Вашингтон, Ҷорҷтаун ва инчунин ғрафии Вашингтон дохил мешаванд. Университети Ҷорҷтаун дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз донишгоҳҳои бехтарин аст. Дар ҳудуди округ танҳо саноати хӯрокворӣ ва поligрафия инкишоф ёфтааст. Шиори округ: «Адолат-барои ҳама». Округи Колумбия дар канори рости рӯдхонаи Потамак воқеъ аст, ки байни Мэрилэнд ва Виргиния қарор гирифтааст. Масоҳаташ 178 ҳазор километри мураббаъ буда, аҳолиаш ҳамагӣ 600 ҳазор нафар аст. Сафедпӯстҳо танҳо 30 фоизи аҳолиро ташкил карда, 66 дар сад сиёҳпӯстҳо ва боқӣ дигар нажодҳоянд. Чуноне, ки дар бобҳои дигари сафарнома зикр кардем, дар ИМА пойтахтҳои штатҳо ҳама камаҳолиҳо ҳурданд. Аз ҷумла пойтахти Ню-Йорк, ки штати калонтарини ИМА аст, шаҳри садҳазорнафараи Олбанӣ мебошад, пойтахти штати Ню-Ҷерсӣ ҳамагӣ 89 ҳазор аҳолӣ дорад.

Қасри Сафед ва мемориали ҳарбии Арлингтон аз ҷойҳои диданию зиёраткардании пойтахти ИМА-шаҳри Вашингтон аст. Капитолий-Қасри Сафед аз соли 1800 ин ҷонибӣ чун рамзи дар дунё машҳуртарини идоракунии демократӣ, қароргоҳи (резиденция) конгресс ҳидмат мекунад. Маҳз дар Капитолий дар маҷлисҳои конгресс қонунҳои ин мамлакат қабул ва тасдиқ мешаванд, маҳз дар ҳамин ҷо тантанаҳои ба вазифа гузошташони шӯҳратёри ин кишвар.

Тарҳи Капитолийро нахуст меъмор Уилям Торнтон кашидааст. Ба Сохтмони Қасри Сафед дар қатори дигарон меъморони машҳур Бенҷамин Ҳенри Латроб ва Чарлз Булфинг роҳбарӣ кардаанд. Соли 1800-ум, вақте ки ҳукумат ба Вашингтон кӯчида гузашт, Капитолий қиёфаи бинои чаласохт дошт. Конгресс аз қаноти шимолии танги на он қадар калони он ҷой гирифт. Палатаи намояндагон ибтидо маҷлисҳои худро дар утоқи калони ошёнаи дуюм, ки барои китобхонаи Конгресс пешбинӣ шуда буд, мегузаранд. Сенат бошад дар толори ошёнаи якум маҷлис мекард. Аз соли 1810 то соли 1859 сенат дар толори ошёнаи дуюм қарор гирифт, ки ҳоло онро «Толори кӯҳнаи сенат» меноманд. Соли 1807 сохтмони қаноти ҷанубӣ поён ёфт, ки барои палатаи намояндагон пешбинӣ шуда буд. Соли 1814 дар ҷанги дуюми байни Амрикою Британияи Кабир аскарони британӣ Капитолий ва дигар биноҳои ҷамъиятиро тамоман сӯхта партофтанд. Танҳо деворҳои берунӣ амон монданд. То соли 1819 қаноҳои Капитолий барқарор карда шуданд. Сохтмони бинои марказӣ, ки ду қанотро ба ҳам пайваст соли 1826 поён ёфт. Ротондаро гумбази пасти чӯбию мисӣ пӯшид.

Бо мурури замон шумораи штатҳо пайваста меафзуданд. Шумораи намояндагону сенаторҳо ҳам вобаста бо ин афзуда, ба толору хонаҳои бароҳои чудокардашуда, табиист, ки намегунҷиданд.Соли 1850 аз ҳисоби сохтани биноҳои нав васеъ кардани масоҳати умумии Капитолий қарорҳои дахлдор қабул карда шуд. Соли 1851 ба пойдевори биноҳо дар қанотҳои он асос гузошта шуд. Аз соли 1857 то кунун Палатаи намояндагон дар толори худ кор мекунад. Сенат ҳам ба маҷлисгоҳи худаш аз соли 1859 кӯчида гузашт.

Толори кӯҳнаи Палатаи намояндагон минбаъд ба намоишгоҳи миллии маҷмӯи асарҳои санъати ҳайкалтарошӣ табдил ёфт. Алҳол дар ин ҷо ва дахлезҳои Капитолий аз ҳар штат дутӣ ҳайкалу мучассамаҳои шаҳрвандони барҷаста ва машҳур ба намоиши гузошта шудааст. Солҳои ҷанги граждании ҳам корҳои бунёдӣ гумбази чӯдӣ аз рӯи тарҳи Томас Ю.Уолтер идома дошта, 2 декабри соли 1863 аз болои гумбаз, ки баландиаш ба 287 фут (қариб 87,5 метр) баробар аст, Ҳайкали Озодии амали ҳайкалтароши амрикӣ Томас Крафорд гузошта шуд. Солҳои ҳафтодуми асри XIX меъмор Фредерик Ло Олмстед тарҳи айвонеро бунёд намуд, ки шафатҳои шимолӣ, ҷанубӣ ва ғарбии Капитолийро фаро гирифт. Ба туфайли барпо намудани ин айвонҳо масоҳати иловагӣ сохта шуд. Инчунин биное, ки дар ҷои дунгии Капитолий қарор дошт, пояи монументалӣ барпо гардид. Дар асри XX ҳам қиёфаи Капитолий хеле тағйир ёфт. Асосан ба он биноҳои нав зам гардиданд. Ҷойҳои таъмирталаб бо масолеҳи замонавии қавӣ мустаҳкамтар карда шуд.

Ротонда — ин қалби Капитолий аст. Аз он органҳои қонунбарор истифода намебаранд, вале ҷои гузарондани тантанаҳо ва маросимҳост. Дар Ротонда маросимҳои дафни давлатии президентҳо, Конгрессменҳои шӯҳратёр, қаҳрамонҳои ҷанг ва шаҳрвандони шоистаи ИМА баргузор мегарданд. Дар Ротонда сарварони давлатҳои хориҷа қабул ва тадбирҳои тантанавӣ бахшида ба воқеаҳои фаромӯшнопазир ва одамони барҷаста барпо мегарданд. Дар ин ҷо чаҳор асари калонҳаҷми рассом Ҷон Трамбулла-адъютанти Ҷорҷ Вашингтон гузошта шудаанд. Дар онҳо саҳнаҳои инқилоби Амрико акс ёфтаанд. Асарҳое, ки воқеаҳои кашфи Амрико, аз ҳудкунии Иёлоти муттаҳидаро мунъакис менамоянд, ба мӯйқалами чаҳор нафар рассомони дигар тааллуқ доранд. Дар ҷодари дар баландиаш 180 фут зери сақфи Ротонда, рассоми амрикӣ Константино Брумиди апофеози (ҳудо барин бузургдошт намудан) Ҷорҷ Вашингтонро кашидааст. Аввалин президент дар ин ҷо дар иҳотаи рамзҳои демократияи амрикӣ ва пешрафти техникӣ ифода ёфтааст. Брумидӣ дар бисёр толор ва дахлезҳои Капиталий асарҳояшро офаридааст. Аммо барои тамом кардани нақшу нигори фризе, ки Ротондаро фаро мегирад, умраш нарасид. Кори натамоми ӯро дигар рассомон ба охир расонданд.

Қасри сафед аз ҳамаи ҷуҳаю канорҳои шаҳр намоён аст. Дар воқеъ он дар яке аз нуқтаҳои баландтарини шаҳр, дар таппаи Капитолий ҷой гирифтааст. Атрофи он сабзу хуррам, онсӯтар кӯли калони сунӣ, ё ҳавзи калоне, ки дар он мурғобиҳо шино мекунанд. Ба қавле дарҳои Капитолий ҳар рӯзи ҳудо бозанд. Онро ҳама тамошо карда метавонанд. Рӯзҳои дигарро замонат намекунам, аммо рӯзҳои шанбеву якшанбе-рӯзҳои истироҳат дарҳои он ба рӯи тамошобинони бешумор, ҳазорҳо сайёҳон боз аст. Тамошо маҷонист. Аммо Қасри сафед ҳаматарафа муҳофизат карда мешавад. Вақти даромад пулис бо асбобҳои махсус ҳамаро муоина мекунад. Дар толорҳои намояндагон ва сенат ба навори видео гирифтан манъ аст. Бо вуҷуди ин бисёр толорҳо, аз ҷумла маҷлисгоҳи палатаи намояндагонро ба видео гирифтем. Вале маҳорати мо дар соҳаи филмбардорӣ ба дарачае нарасидааст, ки онро ба ҷуз худамон каси дигаре бебинад. Касе, ки Қасри сафедро аввалин бор тамошо мекунад, таассуроти калон ва ҳатман нопурра мегирад. Бо вуҷуди он, ки се соат онро тамошо кардем, пурра ҳаноат ҳосил накардем. Барои ҳамаи гановати маънавиёти қасри сафедро пурра дарк намудан ҳар як асари дар он ҷо ба намоиш гузашташударо соатҳо тамошо карда, дар бораи онҳо ва умуман Қасри сафеду Капитолий адабиёти зиёдеро хонда, онҳоро таҳлилу таҳаммул намудан мебояд. Охир ба офаринишиҳо онҳо эҷодкор тамомӣ маҳорат, қӯри қалб, ҷонӣ дилашро ба ҳарҷ додаанд. Дар онҳо пафосӣ миллии амрикӣ, ҷоннисорӣ, меҳри Ватан ва бисёр дигар ҳиссиёти софи шаҳрвандие, ки кишварашро дӯст дорад, акси ҳудро ёфтаанд.

Бо як дунё таассурот ба сӯи мемориали ҳарбӣ, ки аз пояи Қасри сафед намоён аст, рафтем. Қабристони Арлингтон на барои он маҳшур аст, ки дар он Ҷон ва Роберт Кеннедӣ дафн гардидаанд, балки ба мемориали ҳарбии амрикӣ табдил ёфтааст. Дар ин замини муқаддас 230 ҳазор сарбозу маллоҳ, афсару генералҳои артиши Амрико ва аъзоёни оилаи онҳо дафн гардидаанд. Соли 1921 дар ин қабристон бо тамоми эҳтиром сарбози номаълуме дафн карда шудааст, ки дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Аврупо ҳалок гардида буд. Ҳамчун дафина ин мемориал «Қабри сарбози гумном» номида мешавад. Ин дафина аз соли 1932 вуҷуд дорад. Дар катиба чунин навишта шудааст. «Дар ин ҷо сарбози баномусу шӯҳратёрӣ амрикоие хобидааст, ки номаш ба ғайр аз Худо ба каси дигаре маълум нест». Баъди ҷузашти даҳсолаҳо ба ин қабр боз се часади сарбозони дар се ҷанг - ҷанги ҷуюми ҷаҳонӣ. Куриё ва Ветнам ҳалок гардида гузошта шуданд.

Дар даромадгоҳи қабристон ба ин мазмун навиштае ҳаст: «Ин замини муқаддас аст. Дар ин ҷо инсонҳое ҳомидаанд, ки барои номусу виҷдони Ватан ҷон нисор кардаанд. Эҳтиромӣ онҳоро ба ҷо оваред». Зиёратчиён ҳам ин эҳтиромро ба ҷо меоваранд. Садои зиёдатие шунида намешавад. Қабристон сабзу хуррам. Ҳар ҷо дарахтҳои сарсабзу хуррами баланд — қабрҳо ба тариқи чаҳоркунҷа бо тартиб ҷой гирифтаанд. Аз чаҳор тараф ҳам нигаред, ҷойгиршавии онҳо яхҳела, дар байни сангҳои сари қабр 2 метрӣ фосила. Дарвоқеъ сангҳои сари қабр ҳама яксон, сафед, андозаҳояшон дар рӯи замин 60 бар 40 сантиметр. Се-чаҳор сатр катиба, ном, номи хонавода, соли таваллуд ва вафоту дар кадом корзор ҳалок гардиданаш сабт гардидаа

Акси садо

Хонандагони рӯзнома ба мақолаи «Сухани фасеҳу расоям орзӯст» (Абдулло Субҳон. «Овози тоҷик» 27 октябри соли 2001), ки доир ба мавзӯи хеле муҳим ва баҳсталаб: забон ва ҳусни баён рӯи коғаз омадааст, акси садо менависанд. Вале муаллиф ҳанӯз дар печу тоб аст, ки аз ҷумлаи аввали банди аввали мақола ғайричашмдошт ҳиссаи инкории «на» ва пайвандаки «ки» аftида маънӣ халалдор шудааст.

Ва ӯ аз ин саҳв ба назари хонанда як инсони мутакаббуру худписанд ва худсито ҷилва намудааст. Банд бояд бад-ин сурат ба дасти нашр мерасид. «Ман намедонам, ки шеъри ман ва забони навиштаҳои матбуотиам дар кадом пояанд. Ва худам чӣ инсонам. Зеро одамӣ кӯри худ бинои кас аст». Вале чоп шудааст: «Ман медонам шеъри ман ва забони навиштаҳои матбуотиам дар кадом пояанд.Ва худам чи инсонам. Зеро одамӣ кӯри худ бинои кас аст».

Мақоларо пайдо кунед, хонед ва нисбати андешаҳои муаллифу акси садоҳо лоқайду бетараф намонед. Вай ибораҳои «насри мумтоз» ва «насри хасакӣ»-ро ба кор мебарад. Меғӯяд, ки сарфу наҳви мо таи ҳафтод сол миллӣ набуд. Ифода ва қолабҳои ҷумлапардозиамон аз табиати забонамон дур буданд. Дар мактабҳои миёна даҳ сол аз забон ва адабиёт сабақ дода бошад ҳам, имрӯз таълими қонуну қоидаҳои забонро ба хонандагон шуғли бесуд меҳисобад. Ба ҷои қонуну қоидаҳои забон корҳои амалиро аз қабили матнзбаркунӣ, луғатомӯзӣ ва дигар усулҳои муфидро пешниҳод менамояд.

Ҳиссаҳои «ана», «мана», «ҳӯ», «ҳу», «ҳо», чӣ аз қабили монед-чӣ) ва «мӣ»-ро калои дигарон меҳисобад. Насри Фитрати замоне «душмани халқ»-ро ҷонибдорӣ менамояд. Ҷуръате пайдо карда менигорад, ки «Кош, тӯли ҳафтод сол зеҳни мо ба насри Фитрат барин нависандагон унс мегирифт. «Гуфта истодаам», «Омада истодаам», «рафта шиштаам» барин таркибҳои феълӣ ғалат будаанд.

Агар ба ҷои онҳо феълҳои «меғӯям», «меоям», «меравам»-ро истифода кунем, по ба марзи матлаб мениҳодаем ва ҳоказо?

Бино ба як навиштааш гӯё аз замонҳои хеле қадим қавме бо номи тоҷик дар Осиёи Миёна вуҷуд доштаасту то табаддулоти соли 1917 забонашро форсӣ меғуфтаанд, на тоҷикӣ. Адабиёташ низ бо номи адабиёти форсӣ машҳур будааст.

Оё дуруст меғӯед?

Бешубҳа, имрӯз ба рӯи ҳусни баёнамон равзанаи нуре боз мегардад. Теъдоди онҳое, ки дар пайравӣ ба рӯшанфикрони воқеӣ дирӯзу имрӯзро бо занҷири тиллоӣ пайвастаиянд рӯз ба рӯз меафзояд.

Шайх Саъдӣ фармудааст:

Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор,
Пойбаст омадастӯ пас девор.

Перомуни мавзӯи мазкур касе сухани нишонрас гуфта метавонед, ки ба забони осори адибони қадим, муосир ва форсигӯи дунё назари қиёсӣ афканда, дар харобазоре ба ёди ободӣ чанде тапида бошад.

Инак, ду акси садо бо ихтисор, вале бетаҳрир ба диққати шумо, хонандагони азиз, пешниҳод мегардад. Худ қазоват кунед.

Покии забон — покии дилу рӯҳ

Шоир ва рӯзноманигор Абдулло СУБҲОН дар гузориши хеш «Сухани фасеҳу расоям орзуст», ки доири мавзӯи басо муҳим — забон ва ҳусни аён аст, зикр менамояд: «Сухане, ки сарҳадӣ гӯшро убур карда то ба дил намерасад, норасост».

(«Овози тоҷик», 27 октябри соли 2001)

Оре, на ҳар сухане, ки аз даҳон баромад, ба дил нишинад. Сухани расо ва дилнишин гуфтан ҳунар аст. Шунидани сухани пурфасоҳату малеҳ дилу ҷонро хуш ояд. Ва кас роҳат кунад.

Абдулло Субҳон ҷонибдори ба қолаби насрӣ хушоби классикӣ рӯ овардан мебошад. Ҳамчунин талқин месозад, аз забони зиндаи халқ, ки баҳри бекаронро монад, марворидҳои рахшонро дарёфта ба риштаи сухан бикашад.

Андешаҳои ӯ солим ва лоиқи дастгирианд. Оре, дар баробари назми оламгири классиконамон насри он низ басо қобили таваҷҷӯҳ аст. Ва месазад ба қадри сухани воло ва баёни насрии мумтозу ҷавҳардор бирасид, онро омӯхт, қадри тавон бо он наср суханпардозӣ кард. Ва омӯзишашро ба мардум, алалхусус тифлону наврасон талқин намуд.

Бо камоли ифтихор зикр бояд кард, ки осори гаронмояи намояндагони адабиёти классикиамон чун ганҷинаи бебаҳо дар хазинаи фарҳанги умумиҷаҳонӣ қадрёб шудааанд. Насри фасеҳу дилраси «Сафарнома»-и Носири Хисрав, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ,«Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Қобуснома»-и Кайковус, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Ҷавоҳир-ул-панд»- и Ҳочимир Сирочиддин Маҳдум, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ, «Бадоеъ-ул-бақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Латоиф - ут - тавоиф»-и Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ ва амсоли онҳо, ки дар мактабу мадрасаҳо ба сифати китоби дарсӣ омӯхта мешуданд, ҳоло ҳам манбаъҳои эътимодбахшанд. Зимнан, аз ин қабил асарҳо дар ҳар як ҳонадони арҷманду бофарҳанг натанҳо ҳамчун омили тарбияи фарзанд, балки чун дастуре баҳри омӯзиши забону тарзи баён истифода менамуданд.

Тифлону наврасони донишандӯз дар дабистонҳо бо майлу рағбати тамом аз ин гуна китобҳо, ки мутолиааашон роҳатбахш буд, матну порчаҳо азбар менамуданд. Ҳатто онҳое, ки ҳофизаи қавӣ доранд, баъзе ин қабил китобҳоро ба пуррагӣ аз ёд мекарданд. Азбар намудани насри хушобу ҷавҳардор ва диловезу пандомез як умр дар зеҳни онҳо ҷо гирифта, ба рушду ривоҷи қобилияти фикрронӣ ва васею равшан гардидани олами рӯҳию маънавиашон мусоидат мекард.

Вале баъди табаддулоти азими соли 17-умии қарни сипарӣ баробари дигаргуниҳои куллии сиёсию иҷтимоӣ дар соҳаи мактабу маориф низ вазъият тағйир ёфт. Ба мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияи мактаби ба истилоҳ «кӯҳна» ба чашми танқид нигаристанд. «Мактаби нав», ки мебоист сарчашмаи олами маънавӣ ва асоси ташаккули тафаккури ҳақиқии илмии инсон қарор бигирад, зери таъсири «сохти нав» монда, тақлидан ба барномаҳои таълимии «бародарони бузург» асос ёфта буд. Ва қариб ҳамаи фанҳо аз рӯи тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ омӯзонда мешуданд. Китобҳои дарсӣ низ ба таври қолабӣ таҳия ва нашр мегардиданд. Ин ба чӣ овард?

Ин ба он овард, ки дар натиҷаи тақлидкории бебунёд мо ба забони муқтадири адибони классикиамон, ки чун бузургворони ҳиради умумиҷаҳонӣ эътироф гаштаанд, беэтиноӣ кардем. То андозае аз решаҳои миллии хеш карда шудем. Кор то ҷое расид, ки ҳатто зумрае замонсозон мункири бузургию қадимии забони модарии хеш шуда, аз он даст ҳам кашиданд, ҳарчанд маънии рӯ гардондан аз забони модарии хеш маънии аз модар ва Ватан даст кашиданро дорад.

Забони мо дороии мост. Боз меғӯянд, ки забони миллат пояи миллат аст. Ғамхорӣ нисбати бузургдошти забон ва ҳифзи он эътибор нисбати ояндаи миллату ҷамъияти солим аст. Забон чун поянда аст, ояндаи миллат низ барҷост.

Дар дабистонҳо тавре бояд фаъолият бурд, ки ғунчаҳои боғи дониш ба решаҳои худ пайванди қавӣ дошта бошанд. Тавонанд ба об ҳӯрдан аз чашмаи софу зулоли осори ниёгон аз баҳри беканори фарҳанги умумибашарӣ баҳраёб гардида, чун инсони комил ва ватанпараст ба воя расанд.

Дили пуршӯри омӯзгорони дабистонҳо дар тапиш бошад: чӣ кор кунем, ки муҳаббати лафзи модарӣ дар дилу вуҷуди кӯдакон сахттар ҷоғузин гардад? Чӣ кор кунем, ки талабагонамон баробари инсони некдил ва поксиришт будан дорои маданияти баланд, эҷодкор ва ҷӯянда бошанд? Чӣ кор кунем, ки дарси мо ба шогирдон на танҳо ғизои маънавию рӯҳӣ бахшаду ба асосҳои илму донишро азхуд намудани онҳо мусоидат кунад, балки аёну ноаён забони онҳоро низ сайқалу такмил бидиҳад.

Чанд сухан аз хусуси оддигӯй ва насри хасакӣ.

Бо мақсади он ки ба халқи авом идрок намудани сухан осон кӯчад, солҳои бисту сӣ ва минбаъдаи асри гузашта оддигӯй расм шуд. Ин ба он овард, ки инкишофи забон тобеъ ба тафаккури оддии қолабӣ шавад. Каҷфаҳмӣ дар идроки маъной халқияту демократизми соҳаи забон боиси паст бурдани баён ва дурушт кардани он гардид. Ва ин гуна фаҳмиш, ки примитивизм (соддаписандӣ) гӯяндаш, солҳои дароз таъсири худ расонд. Ва гурез аз он баъди қабул шудани Қонуни забон як андоза огоз ёфта бошад ҳам, ҳанӯз куллан барҳам нахӯрдааст. Хушбахтона сафи соҳибзабононе, ки ба асолати классикии сухан, ба забони адабиёти гузашта наздик шудан мехоҳанд, ҳоло афзуда аст. Бешубҳа, барои аз банди тафаккури оддӣ раҳоӣ ёфтани соҳибзабонон рағбати эшон нисбати истифодаи калимаю ибора ва шаклу қолабҳои классикӣ мусоидат хоҳад кард. Иқтидорафзоии забони тоҷикиро аз имконоти дороиву дурдонаҳои классикӣ самаранок ва ба ҷою нӣшонрас истифода кардан боис шуда метавонаду бас. Ба саргаху оғозгаҳи маънавии хеш рӯ овардан, бешубҳа хоси ҳар фарди худшинос аст. Хӯ гирифтан ба ибора ва истилоҳоти суфтаю таъбироти пурмаъно, қолабҳои хушсохту фасеҳ нишонаи хирад аст.

Маданияти сухани худро то андозае ба савияи забони форсӣ расондан низ зарур, вале ин маънои онро надорад, ки ба забони поку асил соҳиб мешавем гуфта форсии Эрон ё худ дарии Афғонистонро пурра қабул кунем. Бо вуҷуди он ки меғӯянд «тоҷикӣ низ форсист», миёни ин ду забон, бо ифодаи донишманди маъруф Муҳаммадҷон Шакурӣ «Фарқи асосӣ набошад ҳам фарқи ҷузъӣ ҳаст». Хушёр ва дақиқназар бояд буд, савияи форсии хориҷаро намуна пиндоштаю пазируфта, куллан ба усулби мардуми он кишварҳо қалам рондану сухан гуфтан низ хатои маҳз аст.

Хуллас, ба қавли маъруф,«на ба он шӯрии шӯру на ба он бенамакӣ». Яъне аз оддигӯйю тафаккури примитивӣ то дарачае бояд дар гурез бошем. Вале ба мураккабиёнии беш низ роҳ надиҳем. Қувваҳои солими эҷодкор тарзе бояд хома ронанду соҳибзабонон сухан, ки фаҳму табъи хонандаи миёнҳол оҳиста-оҳиста ба дарачаи равшанфикри хуштабъ бирасад.

Зотан, халқу миллате асил аст, ки асолати сухан ва забони он пойдору падидор бошад. Ба қавли як донишманд: «аслият, ҳусну зебой ва ростиву дурустии забон бо қувваи кашиши худ мардумонро бо ҳам наздик меорад, тавони дилу рӯҳи онҳоро афзоиш медиҳад».

Бале, ҳалли бисёр масоили рӯзгор ва зиндагии пурталотум ба масъалаи забон ва ҳусну қубҳи он низ иртибот дорад, ба масъалаи забони модарӣ, ки ҳар сухан бояд дар он фасеҳу гуворо садо диҳад ва навишта шавад.

Муҳаммад ШОДӢ.

Ҷашнвораи «Баҳори Бойсун»

23-28 маи соли ҷорӣ дар ноҳияи кӯҳистонии Бойсуни вилояти Сурхондарё кушоиши ҷашнвораи эҷодиёти халқии «Бойсун баҳори» («Баҳори Бойсун») баргузор мегардад. Ба Шӯрои байналхалқии ташкили ҷашнвораҳои эҷодиёти халқӣ аъзо шудани Ӯзбекистон имконият дод, ки бори аввал чунин тадбири бонуфуз дар мамлакатамон гузаронда шавад. Бешубҳа вай ба азназаргузаронии иҷрокунандагони мусиқӣ, суруд, рақсҳои эҷодиёти халқӣ ва касбию ҳаваскор, санъати ҳунармандии халқҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёна табдил меёбад. Инчунин дар ҷашнвораи кушод иштирок кардани намояндагони мамлакатҳои хориҷӣ пешбинӣ шудааст.

Ҷои гузарондани чунин тадбири бонуфуз бесабаб маҳз Бойсун интихоб нашуд. Аҳолии ин ноҳия тарзи ҳаёти анъанавие дорад, ки мусиқаи халқӣ, эҷодиёти халқии ба худ хос, санъати беназири ҳунармандӣ, либосу бозиҳои миллии қадима, урфу одатҳои кӯҳанро нигоҳ доштаанд. Аз ин рӯ маданияти Бойсунро соли гузашта ЮНЕСКО ба сифати «Дурдонаи мероси даҳонакӣ ва ғайримоддии бани башар» эътироф карда буд.

Мақсади ҷашнвораи мазкур аз васеъ таргиб кардани беҳтарин асарҳои мусиқии эҷодиёти халқӣ, услубҳои анъанавии либосҳо ва намунаҳои санъати ҳунармандӣ, аз васеъ кардани робитаҳои байналхалқии фарҳангӣ ва эҷодӣ, ки бо гояҳои сулҳ, дӯстӣ ва инсонпарварӣ ришта бастаанд, инчунин аз ҷустан ва нигоҳ доштани эҷодиёти халқии ба худ хос иборат аст. Албатта тамоми кор ба дар ҷавонон бедор намудани шавқу завқ ва эҳтиром ба анъанаву урфу одатҳои халқӣ, маданияти мусиқӣ, ҳунармандии бадеӣ мусоидат мекунад.

Ба барномаи ҷашнвора инчунин озмуни дастаҳои ҳунарии фолклорӣ, мусиқанавозони машҳур, иҷрокунандагони мусиқаҳои анъанавӣ, бахшиҳо озмуни тарҳсозони либосҳои миллӣ, намоишгоҳ-фурӯшгоҳи маҳсулоти ҳунармандӣ даромадаанд. Дар доираи ҷашнвора инчунин дар мавзӯи«Санъати фолклорӣ ва халқӣ дар фарҳанги муосири бадеӣ» конфронси илмӣ гузаронда мешавад.

Дар зали марказии намоишгоҳи фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон муаррифисозии ҷашнвораи эҷодиёти халқии «Баҳори Бойсун» ба амал омад. Ҳунарпешагони халқии Ӯзбекистон Турғун Алиматов, Муноҷот Йӯлчиева, саркотиби илмии фарҳангистони бадеӣ, доктори санъатшиносӣ Акбар Ҳакимов, роҳбари намояндагии ЮНЕСКО дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Майкл Барри Лейн нутқ эрод намуда, дар бораи аҳамият ва моҳияти ҷашнвораи эҷодиёти халқии дар мамлакатамон бори аввал гузарондамешуда нақл карданд.

Б. МАНСУРОВ,
мухбири ЎзА.

Ҳам лаҳл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад

Ман мақолаи муҳаррири бахши адабиёт ва ҳунари рӯзномаи «Овози тоҷик» Абдулло Субҳонро таҳти унвони «Суханаи фасеҳу расоям орзӯст» («Овози тоҷик», 27 октябри соли 2001) бодиқат хонда баромадам. Дар он дар ҳақиқат «орзу»-и муаллиф инъикос ёфта бошад ҳам, ҳолиби диққат аст, яъне масъалаи фарогирифтаи мақола умуман ба камина маъқул афтод. Аз ин рӯ, метавонистам ин саҳифаҳоро сиёҳ карда, ба идораи рӯзнома нафиристам.

Вале... Сабабҳои ана ҳамин «вале» бандаро водор сохт, ки баъзе андешаҳои хешро дар ин бора ба диққати хонандагон ҳавола намоям. Шояд ойди мақола фикру мулоҳизаҳои онҳо, махсусан мутахассисонро низ бифаҳмем, ки аз ҳоида холӣ нахоҳад буд.

Дар солҳои шастуми садаи гузашта ман дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» (собиқ «Ӯзбекистони сурх», баъдтар «Ҳақиқати Ӯзбекистон») кор мекардам. Он ҳар рӯз аз хонандагон якчанд тӯй мактуб мегирифт. Онҳоро тоҷикон фиристанд ҳам, ба забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ менавиштанд. Номаи ба забони модариамон нигошташуда бошад, тухми анқоро мемонд. Аз ин боис ягон нома ба забони тоҷикӣ ояду ҳатто чаласаводона навишта шуда бошад ҳам, барои кормандони эҷодии рӯзнома ид мегардид. Мактуб аз шӯъба ба шӯъба ва аз даст ба даст мегузашт. Мешуд, ки баъзеҳо баъзан он номаро ба дидагонашон мемолиданд... Дар охир ин мактуб дар зери назорати сармуҳаррир меистод.

Агар нома як ё ду рақам дошта бошад, хабар, агар дорои далелҳои бисёртар бошад, мақола тайёр карда мешуд. Дар шакли назму дорои ҷанин ва як ё ду мисраю байти равон бошад, шеъре тайёр карда мешуд. Мактуб ҳатто нишонаҳои насри бадеиро дошта бошад, ба «бораш» нигоҳ карда, лавҳа, очерк ва ё ҳикояе омода карда мешуду пас рӯи чопро медид.

Аз ин кор мақсади ҳамаи мо якто — ба забони модарӣ, рӯзномае, ки ба ҳамон забон мебарояд, беш аз беш гарм кардани дили тоҷикону тоҷикзабонон; бо роҳҳои гуногун рӯҳбаланд намуда, афзун гардондани шумораи онҳое, ки ба рӯзнома менавиштанд; дар оянда тарбия кардани рӯзноманигору шоир, олиму нависанда — умуман шахсони босаводу баркамол буд.

Инак, он кӯшиш ва ғамхориҳо самараи хеш додаанд. Хабару мақола, очерку ҳикоя, шеъру манзума, достону қиссаҳое, ки имрӯзҳо ба унвони рӯзномаҳои ҷумҳуриятии «Овози тоҷик» ва вилоятии дигар ба забони модариамон аз хонандагон меоянд, ба ин далели барҷастаанд. Ҳамин тавр рафтан гирад, шояд ҷомаи амал пӯшидани «орзӯ» -и болоӣ низ дур набошад. Ба ҳар ҳол барои ин кор ҳам вақту соат лозим аст, зеро ошро ҳаргиз дам накарда намекашанд.

Бо вуҷуди он ки талаб ба асарҳои бадеӣ ҳариф дар ҳама ҷо як хел аст, аввалин шуда, дар байни тоҷикони Ӯзбекистон ислоҳ намудани камбудиҳое, ки дар давоми «ҳафтод сол» ба адабиёт роҳ ёфтаанд, ҳам аз рӯи инсоф несту ҳам, ҳоҳ ҳоҳему ҳоҳ на, дар шароити мо бағоят душвор ва сангин аст.

Дуюм, ин талаб қатъӣ гузошта шавад, табиист, ки дар «Овози тоҷик», чуноне ки хеле вақт ин ҷонib шуда истодааст ғайр аз маводи ду-се нафар шоиру нависанда моли дигарон дарҷ намеёбанд. Шояд яке аз сабабҳои то рафт кам гардидани обуҳашавандагон ба ин газетаи дӯстдоштаамон дар ҳамин низ бошад.

Ин як тарафи масъала. Тарафи дигараш он аст, ки агар хотираам панд надиҳад, дар адабиёти мо беш аз шаш ҳазор нафар шоири соҳибдевон ва ҳариф се ҳазор нафар нависандаи китобдор гузаштаанд. Аз онҳо ҳоло як зумраашонро медонему бас. Шумораи онҳое, ки ба дарачаи классик расидаанд, аз ин ҳам камтар мебошад.

Инак, саволи ҳаққоние ба миён меояд: кадоме аз шоиру нависандагон орзу намекунад, ки ба дарачаи Фирдавсию Хайём, Ҳофизу Саъдӣ, Ҷомию Восифӣ, Улуғзодаю Лоиқ, Муъмин Қаноату Фазлиддин Муҳаммадиев расад. Табиист, ки ҳамаи онҳо.

Хулоса, чи дар гузашта ва чи имрӯз аҳли қалам дорои савияи гуногун будаанду муваффиқи истеъдоду қудрати хеш эҷод намуда, китобҳо ба табъ мерасондаанд. Бесабаб нест, ки агар асарҳои аввалини ҳар як шоиру нависандаро ба маҳсули эҷоди солҳои охири онҳо муқоиса намоед, аз замин то осмон фарқ мекунанд.

Инак, ба ақидаи ман, ба шеъру ҳикоя ва асарҳои дигаре, ки муаллифонашон шахсони мухталифкасб ва гуногунсолу савияанду на ба маҷаллаи адаби-бадеию нашриёт (!), балки ба рӯзномаҳо, ки, ба қавле, умри якрӯза доранд, фиристодаанд, аз болои бом истода «нигаристан» кори хуб набояд бошад.

Ғайр аз ин домани адабиёт «васеъ» аст. Аз ин рӯ баъзан як асарро даҳ нафар мунаккӣд ё хонандаи оддӣ мутолиа намуда, даҳ хел мефаҳманду баҳо медиҳанд. Ба фикри банда, ба баъзе тарафҳои техникӣ, аз ҷумла дар байни нутқи айнанақлшуда омадани сухани ғӯянда эътибори калон додан шарт набуд. Зеро, аввало, гуногунии ҷои он ҳам аз якхелагии дилбазан раҳо месозад. Дуюм, «ҳафтод соли таъриҳӣ» набошад ҳам, бо тақозои шароит, чунонки дар адабиётҳои халқҳои дигари ҷаҳон рух додаанд, ин гуна дигаргуниҳо дар адабиёти мо ҳам ба амал омадаташон мумкин буд. Сеюм, аз нуқтаи назари болой ба масъала наздик шавем, бояд ба асарҳои С.Айнӣ барин бузургони адабиётамон, ки чунин «нуқсонҳо» фаровонанд, хати батлон занем.

Як бори дигар таъкид карданиам, ки ман ба нуқтаи назари мақолаи «Сухани фасеҳу расоям орзӯст»-и Абдулло Субҳон асосан ҳамфикрам.

Ин буд, ки мулоҳизаҳои шахсии банда, ки баъди мутолиаи мақолаи болой пайдо шуданду онҳоро бо дили софу нияти пок рӯи коғаз фароварда фиристодам...

Нор ОСТОНЗОДА,
ш. Самарқанд.

Тайёрии пухта

Деҳқонони ноҳияи Улуғнори вилояти Андиҷон имсол низ чун солҳои пешина аз пахта, ғалла ва дигар зироати кишоварзӣ ҳосили фаровон бардошта, дар бобати моломол кардани дастархон саҳми худро гузоштаанд. Имрӯзҳо дар тамоми хоҷагиҳои ноҳия тадбирҳои зимистона бо суръату сифати баланд амалӣ гардонда мешаванд.

Азбаски заминҳои хоҷагиҳои ноҳия шӯрҳок аст, ба 10 ҳазору 150 гектар замин яхоб монда шуд. Суръати ба тартиб андохтани шабакаҳои обёрикунӣ баланд мебошад. Дар айни замон тамоми техникаи кишоварзӣ ҳуҷсифат аз тармим мебарояд. Алалхусус, техникаи кишту кор ба мавсим бо суръати баланд тахт карда шуда, онро комиссияи салоҳият қабул мекунад.

То ҳоли ҳозир дар ноҳия беш аз 28 ҳазор метр ҷӯю заҳбур тоза карда шуд. Тадбирҳои зимистонаи тайёрӣ ба мавсими кишту кор махсусан дар хоҷагиҳои ширкатии «Оқ олтин» ва «Гулистон» хуб ба рӯи об бароварда мешаванд.

Дар сурат: техникае, ки ба мавсим дар хоҷагии ширкатии «Оқ олтин» тахт гардидааст.

Аксбардор: Ш. ОЛИМОВ (ЎзА).

Линти пахта барои соли 2002

Бо Амри Девони Вазирони Ӯзбекистон барои соли 2002 самтҳои асосии истеҳсоли линти пахта дар ҳаҷми 79,44 ҳазор тонна, расонда додани он ба корхонаҳои ҷумҳурият ва ба содирот бароварданаш ба 109,25 ҳазор тонна тасдиқ гардид.

Ба Вазорати меҳиҷтисодиёту омор, Ассотсиатсияи «Ӯзпахтасаноат», якҷоя бо мақомоти минтақавии ҳокимият ва идора, мақомоти ҳудудии Ширкати саҳҳомии «Маҳаллӣ саноат» ва иттиҳодияи хизматрасонии маишӣ супурда шудааст, ки ҳаҷми расонда додану таҳсим кардани линти пахтаро байни корхонаҳои зеритобеи ҳуд таъмин созанд. Аз рӯи натиҷаҳои нимсолаи аввал, бо назардошти воқеан иҷро гардидани ҳаҷмҳои тасдиқгардидаи расонда додан ва истеҳсоли он ба Девони Вазирон таклифро ойди саҳеҳ гардондани захираҳо ва муайян кардани самтҳои нав барои нимсолаи дуюм пешкаш созанд. Зарур аст, ки назорати доимӣ аз болои иҷрои нишондиҳандаҳои асосӣ ва дар пойгоҳи мунтазамӣ пешкаш кардани ҳисобот ойди амалӣ гардондани амри мазкур таъмин карда шавад.

Ба Ассотсиатсияи «Ӯзпахтасаноат» ва Идораи андозаҳои давлатии Ӯзбекистон якҷоя бо иттиҳодияҳои ҳудудӣ супурда шудааст, ки то 1 апрели соли 2002 инвентаризатсияи боқимондаҳои линти пахтаро аз ҳисоби солҳои гузашта амалӣ гардонда, чиҳатҳои сифатнокиашонро муайян кунанд ва таклифро ойди минбаъда истифодабарии онҳо пешкаш созанд.

Соли ҷорӣ кишти майдони пахта дар ҷумҳурият 1387,9 ҳазор гектар, ҳаҷми умумии ҳосили ҷамъовараанда 3 миллиону 750 ҳазор тонна ба нақша гирифта шудааст. Дар соли 2002 хариди нахи пахта барои эҳтиёҷи давлат ба дарачаи 30 фоиз нисбати ҳаҷми умумии истеҳсоли он нигоҳ дошта шудааст.

«Туркистон-пресс».

Гуфтугӯ — роҳи эътимод

Намояндагии СММ дар Ӯзбекистон, Маркази миллии матбуоти Ӯзбекистон ва Маркази бозомӯзии журналистон озмуни мақолаҳои беҳтаринро бахшида ба эълон гаштани Соли гуфтугӯи тамаддунҳо аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид (соли 2001) чоп шудааанд, ҷамъбаст намуд.

Мувофиқи қарори жюрӣ, ки дар ҳайати он баробари вакилони ташкилотҳои номбурда, журналистони касбӣ низ буданд, ҷои якум ба Тошпӯлод Раҳматуллоев — сардабири рӯзномаи «Самарқанд» барои «Ватанни ким кӯпроқ севади» («Ватанро кӣ бештар дӯст медорад») дода шуд.

Бо қарори жюрӣ инчунин Норали Очилов — ҷонишини сардабири рӯзномаи «Ҳуррият», Тоҷибой Икромов — муҳаррири шӯъбаи маънавиёт ва сиёсати рӯзномаи «Овози тоҷик» ва Таисия Голубкина — мудири шӯъбаи илми рӯзномаи «Правда Востока» бо мукофотҳо тақдир карда шуданд. Ба онҳо тӯҳфаҳои гаронбаҳои ташкилкунандагони озмуни мазкур супурда шуд.

Дар маросими тантанавии супурдани мукофотҳо намояндаи доимии СММ дар Ӯзбекистон Ричард Конрой баромад карда, таъкид намуд, ки масъалаҳои гуфтугӯи тамаддунҳо, ҳамдигарфаҳмӣ ва боварии байни одамон қисми ҷудонашавандаи фаъолияти СММ дар ҳама соҳаҳо мебошад. Воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 бори дигар нишон доданд, ки идома додани корбарӣ дар ин соҳа, алалхусус саҳми журналистони касбӣ аҳамияти калон дорад.

А. ФИЛАТОВ.

Беғайратӣ то ба кай?

Дар мактабҳои деҳаи Ухуми мо аз он ҷумла мактабҳои рақамҳои 14,46,49 нарасидани китобҳои дарсӣ ва танҳо барои хонандагон, балки барои омӯзгорон низ хеле бараъло эҳсос мегардад. Аммо мешунавем, ки китобҳои дарсӣ дар Самарқанду Тошканд фурӯхта мешавад. Гузашта аз ин барои мардуми мо харид кардани китобҳои дарсӣ гаронӣ мекунад.

Мехостам дар бобати чӣ гуна дастрас намудани китобҳои дарсӣ маълумот пайдо намоем.

Саттор МУҲАММАДОВ,
аз номи подору модарони деҳаи Ухуми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах.

Ҳақиқат зодаи имони раҳбар,
Ба ҳифзат ҷони шириН садқаи сар.

ГУЛРӮХСОР.

Инак, соли даҳум аст, ки дарахти истиқлол бор меоварад ва аз насими анбарафшони он машоми мардум муаттар мегардад. Бале, истиқлол роҳ кушод то мардуми дурандеши кишвари мо минбаъд тақдири худ ба дасти хеш ҷунбонд. Маҳз самараи он аст, ки имрӯз диёри азизи мо-Ӯзбекистон ба ҳайси давлати комилҳуқуқи озод дар арсаи ҷаҳон мавқеи ба худ хос гузид. Кулли муваффақиёт ва пешравиҳо чӣ ба василаи барномаҳои садову симо ва чӣ ба воситаи матбуоти даврӣ беш аз беш пахш мешаванду нашр мегардад. Чун ҳарф аз бурдбориву комёбиҳо меравад қабл аз ҳама симои сарвари ҷумҳурӣ пеши назар меояд, ки бо заҳмату меҳнати фидокорона ҳамаи моро ба суи фардо раҳнамун месозад.

Пас, кулли бурдбориву комёбӣ ва муваффақиёту пешравӣ аз мост, аммо камбудиву ноқисиҳо чӣ? Ин ҳаст, ки андешаҳои банда низ айнан ба чанде аз ин камбудиҳо нигаронда шуданд, ки метавонанд минбаъд пояи бунёди фардоамонро сатҳӣ гардонанд. Беҳуда нафармудааанд:

Ҳишти аввал чун нихад
меъмор каҷ,
То Сурайё меравад девор каҷ.

Ба ҳамагон аён аст, ки аз бози истиқлолиятро ба даст даровардани ҷумҳурӣ дар тамоми соҳаҳо дигаргуниҳои куллӣ рух доданд. Аз ҷумла, дар соҳаи таълиму тарбияи ҷавонон низ якчанд қарору нишондодҳо баррасиву амалӣ гардиданд. Хурсандиовар, ки дар ҷумҳурӣ олимони зиёд ҳуҳдадор шуданд минбаъд китобҳои дарсӣ ва дастуру аёниятҳои заруриро хоси замон бо назардошти шароити маҳал, дар рӯҳи истиқлол ва мафкураи миллӣ офаранд. Маҳз дар ҳамин рӯҳия аксарияти китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои омӯзишӣ таълиф гардиданд, интишор шуданд ва ба даст толибилмон расиданд.

Бо мақсади таъмин намудани эҳтиёҷоти мактабҳои тоҷикӣ соли 1995 дар назди нашриёти « Ӯзбекистон» шӯъбаи тоҷикӣ, ки баҳри таҳриру тасҳеҳ ва таҳияву чоп намудани китобҳои дарсӣ махсус гардонда шудааст, таъсис дода шуд. Ин шӯъба аз бози таъсисёбӣ то имрӯз агар нашрҳои такрорро ба инобат нагирем, ҳамагӣ 42 номгӯи китоби дарсиро нашр намудааст. Агар дақиқтар ба ин масъала рӯшанӣ андозем, 13 номгӯ барои синфҳои 1-ум, 29 номгӯ барои синфҳои 2-11 аз чоп баровардааст.

Донишомӯзе, ки дар соли аввали истиқлол ба мактаб қадам гузошт, имрӯз дар синфи даҳум меҳонад. Аниқтараш бе китоб, бе аёният. Мо аз вай чӣ умедвор буда метавонем? Ин ҷо суолҳои зиёде пайдо мешаванд: чаро китобҳои дарсӣ офарида мешаванд? Чаро китобҳои тарҷумашуда то ба ҳолати нашрӣ омода мегарданду чоп намешаванд? Чаро китобҳои нашршуда дар анбори нашриётҳоу ҷамъиятҳои саҳмдории китобсавдоҳои вилоят ҷанг зер карда, харидори худро намеёбанд? Ва теъдоди ин «чаро»-ҳоро давом додан мумкин аст, вале биёед ба чанде аз ин гуна суолҳо посух баргардонем.

Дуруст аст, ки китобҳои дарсӣ офарида мешаванд, вале ниҳоят кам. Дар назди Маркази таълими ҷумҳурӣ Шӯрои илмӣ - методӣ амал менамояд, ки шаш сол қабл аз ин барои таълиф намудани китобҳои дарсӣ гурӯҳи муаллифонро ҳуҳдадор карда буд, ки ҳарчи зудтар ганҳои забон ва адабиётро таҳия гардонанд, зеро ганҳои боқимонда аз забони ӯзбекӣ тарҷума мешаванд. Аммо то кунун китобҳои «Забони модарӣ» (синфи 1,3,4) ва «Китоби хониш» (с.1,2,3) ба сурогаи нашриёт расиданд ва ҳол он ки ҳоло бояд ба дасти хонандагон мерасиданд, ку китобҳои дигар? Фаразан, эроди муаллифоне, ки бояд китобҳои адабиётро таълиф менамуданд дуруст, гӯем, ки барои навиштани китоби дарсӣ масъалаи набудани барномаро ба миён меҳӯштанд, вале акнун чӣ? «Барномаи адабиёти тоҷик» 19-уми сентябри соли гузашта нашр шуд. Умед мебандем, ки китобҳои адабиёт пасопеш ба Маркази таълими ҷумҳурӣ мерасанд, зеро барнома то ба муаллифон аллакай расидааст.

(Давомаш дар саҳифаи 4.)

Пайванд

Фарҳанг забони гуфтугӯи мост

Аз он ки дар Тошканд таҷдимоти маҷаллаи нави минтақавии «Фонус» ба амал омад, «Овози тоҷик» хабар дода буд. Ба ин муносибат сардабир ва бунёдгузори он, раиси Бунёди байналмилалии фарҳанги ба номи Зиёдулло ШАҲИДӢ, профессори Донишгоҳи Гётеборг (Шветсия) Мунира ШАҲИДӢ чанд рӯз дар пойтахти Ӯзбекистон машғули кори зиёд буд, ки дар ин асно бо вуҷуди он барои мусоҳиба бо хабарнигори «Овози тоҷик» низ имконият пайдо кард.

— Бо вуҷуди он ки бунёди байналмилалии фарҳанги ба номи З.Шаҳидӣ нисбатан нав нест, дар Ӯзбекистон ҳанӯз дар бораи он тақрибан маълумот вуҷуд надорад...

— Ман фикр мекунам ин ҳолат табиӣ аст, чунки то ба Бунёди байналмилалии фарҳанг соли 1992 асос гузоштем ва ҳама хуб медонем, ки дар он солҳо дар Тоҷикистон чӣ вазъияти ҳукмфармо буд. Аз ин боис солҳо дар хусуси фарҳангу ҳунар тақрибан суҳан гуфта намешуд.

Мо дар Душанбе Музеи фарҳанги мусиқии Зиёдулло Шаҳидиро дорем, ки сари ҳар чанд вақт он ҷо ҷамъ мешавем. Дар яке аз чунин ҷамъомадҳои олимону эҷодкорону ҳунармандон мисли марҳум Муҳаммад Осимӣ, А.Адҳамов, Э.Нӯъмонов, Ҳ.Мансуров, оҳангсозон Фирӯз Баҳор, Толиб Шаҳидӣ ва иддае дигар қарор намудем, ки чунин як бунёде созмон диҳем, ки арзишҳои фарҳангиро то ҷое метавонад ҳифз намояд. Ва бунёдгузории он ба оғози таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон рост омад, ки ин ҳама ба ҷанги дохилӣ ибтидо гузошт.

Воқиан аввалин лаҳзаҳои фаъолияти бунёд ба пайгирии мақсадҳои ҳуд, яъне арзишҳои фарҳангӣ мусодиф омад, ки ин низ эҷоди талотумҳои сиёсӣ ва бенизомиҳои ҷамъиятӣ буд. Ба мо хабар расид, ки дар маҳалли Қарияи Боло фурӯшгоҳи «Мелодия» месӯзад ва мо шитобон ба он ҷо расидему тамоми қартаҳои мағозаи оташгирифтаро ҳарида, ба музей расондем. Ғайр аз ин аз ҳушаҳои гуногуни дунё дар музей қартаҳои сабти таронаҳои тасаввуфӣ ҷамъ оварда шудааст, ки фикр мекунам имрӯз беназир аст. Ҳатто хонданиҳои Шоҳназар Соҳибоворо, ки дар дарбори аморати Бухоро сурудааст, ғун овардем, ки ҳоло аз нодиртарин арзиши фарҳангӣ ба шумор меравад. Акнун вазифаи мо ин аст, ки мулоҳиза намуда, ба ҳамдигар манзур намоем. Ва албатта ин хулосаҳои олимону фарҳангшиносон ва ҳунармандон то самъи давлатмардон бошад, ки расад.

Бо кӯмаки моддии сафоратхонаҳои ИМА (дар Тоҷикистон) ва Шветсария (дар Ӯзбекистон) се шумораи «Фонус»-ро аз чоп баровардем. Дар Душанбе тақдимоти онро баргузор кардем, ки алоқамандон ҳатто онро «маҷалла барои элита» номиданд. Шоҳид ҳастед, ки дар тақдимоти он дар Тошканд низ ба унвони «Фонус» ҳарфҳои самимӣ ва заминӣ гуфта шуд. Азбаски маҷалла соф маъноӣ ва фарҳангшиносиро фаро мегирад, барои қишри аҳли илм ва фарҳанг муқаррар гаштааст.

Пас аз Тошканд роҳи Алмааторо пеш мегирам ва баъд ба Бишкек меравам. Мехоҳам дар ин ҷумҳуриҳо низ тақдимоти «Фонус»-ро созмондиҳӣ намоям.

— Гуфтед, ки ҳоло дар Музеи фарҳанги мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ гоҳ-гоҳ аҳли илму эҷод ҷамъ меоед. Шумо ҳам, ки парвардаи ҳамин муҳит ҳастед, метавонед лаҳзаеро вобаста ба ҳаёти падари оҳангсозатон Зиёдулло Шаҳидӣ ва дигар шахсиятҳои маъруфи ҳамзамонашон ёдовар шавед?

— Чунин лаҳзаҳои қобили зикр хеле зиёданд. Аммо ман хуб ёд дорам, ки дар нишасти оҳангсоз Сулаймон Юдаков, шоирон Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва дигарон дар ҳузури падари ман маҳфили суруду оҳанг ҳамеша саминомона ва бо шӯхиву мутоиба беғуборона ҳамдигарро пурра мекарданд. Сӯҳбатҳои онҳо ҳамеша аз меҳр лабрез буд. Фикр мекунам ин ҳама ба шарофати баландии маданияти онҳо буд.

Ба ман баъдҳо волидайнам мегуфтанд, ки исми маро Устод Лоҳутӣ гузошта будаанд. Зоҳиран дар рӯзҳои навзодиам Устод Лоҳутӣ ба хонаи мо ташриф оварда, меҳмони навро табрик гуфта, аз падарам пурсидаанд, ки «номи тифлро чӣ гузоштед?». Падари ман дар ҷавоб: — Ҳоло фикр мекунем, ки «Сайёра» гузорем, — гуфтаанд. Устод Лоҳутӣ пас аз тааммул пешниҳод кардаанд, ки номи маро «Мунира» гузоранд, то ки равшании хона аз ман афзун гардад, на ин ки ҳамеша дар сайру саёҳат бошам...

Ман, ки дар Донишкадаи педагогии Душанбе забону адабиёти англисиро меомӯхтам, тақрибан ҳар рӯз пас аз дарс ба хона баргардам, падарам аз дарсҳои ҳондаи ман пурсон мешуданд. Ман агар, фаразан, имрӯз Байронро ҳондем ва фалон ғояву образи офаридаи ӯро таъриф кунам, ба ман мисли ҷавоб мегуфтанд, ки «медонӣ, бачем, дар ҳамин мавзӯъ Ҳоҷа Ҳофиз чунин фикр доштааст». Ва албатта падарам аз Ҳоҷа Ҳофиз он ғазал ва ё байти ҳаммаъноии онро қироат менамуд. Ва агар мо, фарзандонро ҳам оташин шуда, танбеҳ додан хоҳанд, албатта ба адабиёти пешин муроҷиат менамуданд ва бо суханони пурмаъниву муассири онҳо насиҳат менамуданд.

Ҳудам, ки мактаби миёнаро ба русӣ ҳондаам, аз адабиёти тоҷик ба шарофати падарам воқиф шудаам. Ҳама байту шеърҳое, ки барои мову дигарон мегуфтанд, дар ёдам хеле хуб нақш бастаанд. Дар хотирам як воқеа хеле дер боз мондааст. Солҳои пас аз хатми донишкада буд, ки як дафъа дар Ҳиндустон ба сифати мутаҷим рафта будам. Дар як нишаст гурӯҳе аз шоирони форсигӯ байтбарак оростанд ва дар ҳарфи «н» ҳама хомӯш монданд. Сабақҳои падарам ба ёдам расид ва байте аз Мирзо Бедил ба имдодам омад:

Нишоҳти айши ҷаҳонро
ҳамин қадар гуфтам,
Ки ба соян рами оҳу
нишастаму рафтам.

Бароям ногаҳонӣ аз ҳар сӯ аҳсанту офаринҳо борид ва баъд аз он шоирон яке бароям шеър гуфта, дар яке аз рӯзномаҳои Ҳиндустон онро ҳатто чоп кард.

Ҳамин ҳама сабаку мактаби муҳит ва зиндагӣ буд, ки душтем. Аз ин хулоса намудем, ки ягона роҳи муносиби гуфтугӯи мо фарҳанг будааст.

Сӯҳбаторо Тоҷибой ИКРОМОВ.

Машъалони маориф

Ҳам бо неруи ҳиммат

...Дар маҷлисгоҳ намояндагони ҳукумат дар пешсуфа, ҷое, ки садорати ҷамъомад менишиниданд, бо табъи хуш ҷой гирифтанд. Дар поён тамоми курсиҳо бо одамон пур. Пиру ҷавон, зану мард — ҳама аз як тараф хушу хурсанд, аз тарафи дигар ташфишнок.

Шахсе назди минбар омаду ҳамаро дуруд гуфт ва ба чамъомадагон муроҷиат намуда, ононро азизу мӯътабар, барои халқу давлат, ватани маҳбуби ҳуд, бахусус дар тарбияу ташаккули мафкураи омма саҳмгузоранд гуфт.

Баромадкунанда бо фармони роҳбари давлат як қатор шаҳрвандонамонро ба муносибати бо унвонҳо ва нишонаҳои олии давлат сарфароз гардиданашон табрик гуфт. Аз ҷумла омӯзгори Донишгоҳи давлатии омӯзгории вилояти Тошканд, мудири кафедраи педагогика ва психология, номзади илми педагогика дотсент Гулмурод Ниёзовро бо унвони фахрии «Мураббии шоистаи Ӯзбекистон» тақдир намуд.

Дар сарзамини Сурхондарё деҳе вуҷуд дорад бо номи Пор (дар ноҳияи Узун) зодгоҳи акаи Гулмурод аст.

Гулмурод Ниёзов солҳои 1960 — 1964 дар шӯъбаи механика - математикаи Донишгоҳи Самарқанд таҳсил намудааст. Пас аз хатми он дар муддати даҳ сол бо таълиму тарбияи насли наврас дар мактаби миёна заҳмат кашидаанд.

Соли 1995 бо пешгуфтори муҳаққиқ Сайфиддин Рафеъдинов «Раҳимо тарҷумаи Каримо» ном китоби муаллим дастраси ҳаводорони эҷодиёти дааст, ки баробари кор соли 1971 ба Донишкадаи политехникии Тошканд дохил шавад. То имрӯз аввал дар Донишкадаи политехникӣ, сониян дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории вилояти Тошканд дар Ангрен ба толибилмон дарс меғӯяд. Шогирдони муаллим ба ҳар як дарс бо дилчаспӣ меоянд. Соли 1994 аз таълими методика рисолаи номзадӣ дифоъ намуд, соҳиби дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ гардид. Худи ҳамон сол Вазорати маорифи ҷумҳурӣ хизматҳои муаллимро дар таълиму тарбияи ҷавонон ба инобат гирифта бо унвони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» қадр намуд.

Соли 1991 нашриёти «Ӯқитувчи» бо номи «Мавқеи воситаҳои техникӣ дар баланд бардоштани самаранокии таълим» дастури методии Г.Ниёзов-ро аз чоп баровард. Гулмурод Ниёзов муносибати ҳудро бо адабиёт ва осори ниёгонамон аз ҳама воло меғузорад. Донандаи ҳуби хати арабианд. Таҳти унвони «Мабдаи нур ва кимиё» ашъори Бобораҳим Машрабро бо таҳриру тавзеҳояш ба хати кириллӣ гардондаст.

Соли 1995 бо пешгуфтори муҳаққиқ Сайфиддин Рафеъдинов «Раҳимо тарҷумаи Каримо» ном китоби муаллим дастраси ҳаводорони эҷодиёти Шайх Саъдӣ гардид. Муаллим ҷабҳаҳои нави устоди бузурги адабиётамон Саъдии Шерозиро манзури ҳаводорони назм намудааст.

Меҳри устод ба адабиёт водор намуд, ки факултаи филологияи Донишкадаи омӯзгории Ангренро ҳонда, соли 1997 онро хатм намояд ва соҳиби маълумоти филологӣ гардад.

Гулмурод Боймуродович раиси шӯрои ӯзбекии Донишкадаи омӯзгории вилояти Тошканд мебошанд. Муаллим борро ҳам бо неруи ҳиммат ва ҳам бо заҳмати тан мебардорад.

Маҳсули корҳои илмӣ, заҳмати омӯзгорӣ, корҳои ҷамъиятӣ ва оилавии устодро пеши назар оварда, суханҳои шоир ба ёд мерасад:

Адои қатраи обам,
ки дарё мешавад рӯзе,
Диҳои заррае хокам,
ки дунё мешавад рӯзе.

Шахси ноошно ба ҳуссаи акаи Гулмурод нигоҳ карда, меғӯяд, ки паҳлавони ғӯштингир аст. Дар ҳақиқат, дар ҷавонӣ дар тӯю маъракаҳои деҳа дар ғӯштин дастболо буда, ҳоло паҳлавони дигар маъракаи — маъракаи илму таълим.

Зайниддин ИБРОҲИМОВ,
омӯзгори Донишкадаи омӯзгории вилояти Тошканд.
Ш. АНГРЕН.

Беғайратӣ то ба кай?

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

Масъалаи дастрас кардани китобҳои дарсӣ барои хонандагон рӯз то рӯз мушкил мегардад.Ҳастанд омӯзгороне, ки дурии роҳро ба инобат нагирифта, аз тамоми ғӯшаву канори ҷумҳурӣ ба шаҳри Тошканд мебиёянд ва аз шӯъбаи тиҷоратии нашриёти «Ӯзбекистон» китобҳои зарурии мактабашонро мебаранд. Аммо ин ҷо низ истисное вуҷуд дорад. Аз 347 мактаби тоҷикӣ танҳо намояндагони 16 мактаб ҷиҳати китобгирӣ то нашриёт расиданд. Дар ин ҷода бештар директорони мактабҳо ва инспекторони китоби шӯъбаҳои маорифи халқи баъзе ноҳияву вилоятҳо фаъоланд. Бо вуҷуди ин холабеғамҳо ҳам кам нестанд, ки ҳатто аз нашри китобҳои дарсӣ бехабаранд.

Агар кор ҳамин сурат ранг гирад, пас вой ба ҳоли он хонандагоне, ки бо фикри тоза ба остонаи мактаб қадам меғузоранду умедҳои поку беолоишашон ба сароб табдил меёбанд.

Азбаски ба шӯъбаи тоҷикии нашриёт омӯзгорони зиёде паи дастрас намудани китобҳои дарсӣ мебиёянд, аз ин рӯ бештар ба мо дарди дил меғӯянд. Рости гап аксарияти онон аз корбурди ин шӯъба норозианд. Шояд эродҳои онҳо дуруст ҳам бошад, зеро дар давоми соли хониши 2000 -2001 бо истисноӣ китобҳои синфҳои якум ва нашрҳои такрор ҳамагӣ ду китоб (Китоби хониш, с. 2, Забони модарӣ, с.4) нашр шудааст. Вақте ки сари ҳамин масъала ба раҳбарияти нашриёт мурочиат намудем, масоили набудани коғаз, маблағ ва пеш аз ҳама ба фурӯш нарафтани китобҳои дарсӣ ба миён омад.

Албатта, ин гуна муаммоҳо танҳо дар мактабҳои тоҷикӣ ҳукмфармо нест. Ҳамчунин дар мактабҳое, ки таълимашон ба забони туркманӣ, қирғизӣ ва қазоқианд, низ ба назар мерасанд.

Ба қарибӣ бо сафари хидматӣ дар вилоятҳои Самарқанд, Қашқадарё ва Ҷиззах будам. Дар вақти сафар бо роҳбарони ҷамъиятҳои саҳмдории китобсавдо сӯҳбат оростам ва сабаби суст ба роҳ монда шудани савдои китобро пурсон шудам. Рости гап беҳуда нагуфта будаанд: айбро аз дигарон неву аз ҳуд ҷӯ». Аксари китобҳое, ки нашриёти «Ӯзбекистон» дар се соли охир нашр намудааст, дар анбори ин ҷамъиятҳои саҳмдорӣ ҷанг зер карда, хобидаанд. Воқеан, Саттор Муҳаммедов аз номи падару модарон ва омӯзгорони мактабҳои 46,14 ва 49-и деҳаи Ухуми ноҳияи Фориш ба рӯзномаи «Овози тоҷик» мактуби шикоятӣ мефиристад, ки дар он аз норасоии китобҳои дарсӣ сухан меравад. Омӯзгори мактаби миёна ва деҳаи Чодак ба Маркази таълими чумҳурӣ мактуб фиристода, эродҳои ҳудро ба таҳрир ва тарҷумаи китоби «Табииёт», (синфи 5) баён мекунад. Омӯзгори мактаби рақами 43 С. Ғафуров аз ноҳияи Нурато якчанд саҳвҳои китоби «Математика» (синфи 6) ва «Геометрия» (синфи 7)- ро нишон дода, хоҳиш намуд, ки дар нашрияҳои нав ислоҳ намоем.

Ба маврид аст дар ин бора низ чанд сухан ғӯям. Ҳамаи саҳву хатоҳо ва эродҳоро ходимони нашриёт дуруст қабул намуданд. Зеро ин гуна ноқисиҳо бештар дар китобнусхаҳои асл (забони ӯзбекӣ) роҳ дода шудаанд. Ва вақти тарҷумаи ин камбудиҳо бинобар набудани ихтисосмандони касбӣ дуюмбора ҳусни ҳудро гум кардаанд. Ба фикри ман, омӯзгорон то ки ба рӯзномаву ташкилотҳои дигар хат бинависанд нагз мебуд, ки ба идораи нашриёт мактуб мефиристоданд. Мо кӯшиш менамоем, ки дар нашрияҳои нав ин гуна саҳву хатоҳоро дуруст намоем.

Ҳаминро ҳам бояд таъкид намуд, ки набудани ҳуруфчини тоҷикӣ дар дастгоҳи компютерӣ ба сар задани хатоҳои имлоӣ сабаб мегардад.

Бо вуҷуди ин мо бояд якҷоя кӯшем, ки аз китоб маъноӣ бардорем ва ҳоли ҳозир набояд аз паси як-ду ҳарфи хатарафта бидавем. Мо нагз медонем, ки як ҳарф маъниро як калимаро батамом дигар менамояд. Аммо аз тамоми омӯзгорон хоҳиш менамудем, ки дар сурати хато бархӯрд кардани калима тарзи дурусти онро ба донишомӯзон пешниҳод намоянд. Ин ба манфиати кор мебуд. Дар ҳоле ки китобҳои дарсии тоҷикӣ хеле норасоянд, гирди ҳарф давидани мову шумо ба фикри ман, хуб нест. Ҳангоми сафарҳои хидматӣ борҳо бо омӯзгорони мактаб ва мухбирони рӯзномаҳо дар хусуси саҳвҳои имлоии китобҳо сӯҳбатҳо кардем. Ба фикри ман, пеш аз он ки аз хатоҳои имлоӣ ё ҳуд баъзе ноқисиҳои китобҳои дарсӣ сухан ронем, беҳтар мебуд, китобҳои нашршударо то ба хонандагон расонем, зеро ҷое, ки кор ҳаст хато низ мешавад.

Ҳамин тариқ, ба диққати хонандагон ва омӯзгорон расондан мехостем, ки дар анборҳои нашриёт ва ҷамъиятҳои китобсавдоҳои вилоятҳо китобҳои зеринро дарёфт кардан мумкин аст: «Математика», Китоби хониш (барои синфи 2): Китоби хониш, «Математика», «Забони модарӣ» (барои синфи 3): «Забони модарӣ», «Рӯзномаи мушоҳидаҳо» (барои синфи 4): «Ҳикояҳо аз таъриҳи Ватан,» «Эҳсоси Ватан» (барои синфи 5): «Математика», «Ботаника» (барои синфи 6), «Геометрия»,«Алгебра» (барои синфи 7), «Кимиё», «Информатика» (барои синфи 8).

Ёдовар мешавем, ки барои соли хониш ба чуз китобҳои дарсии синфҳои якум китобҳои зерин ба нақшаи нашриёти «Ӯзбекистон» ворид гардидаанд «Забони модарӣ», «Забони ӯзбекӣ» (с.2), «Забони ӯзбекӣ» (синфи 3), «Китоби хониш» (с.4), «Забони тоҷикӣ» (с.5), «Физика», (с.6), «Алгебра», «Кимиё» (С.8).

Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,
сармуҳаррири шӯъбаи тоҷикии нашриёти «Ӯзбекистон».

Омад ёр бод!

Варзишгарони ӯзбекистонӣ танҳо баъди ба даст омадани истиқлолият ҳамчун тими мустақил дар мусобиқаҳои мухталиф, аз он ҷумла бозиҳои олимпӣ иштирок намуда, бо дастовардҳои ҳуд саросари ҷаҳонро дар ҳайрат меғузоранд. Ба ин соҳиби медалҳои сершумори тиллову нуқра, биринҷи гардидани варзишгаронамон аз рӯи намудҳои бозиҳои зимистонаву тобистонаи олимпӣ гувоҳӣ медиҳад.

Маълум аст, ки 8 — 24 феврали соли кунун дар шаҳри Солт-Лейк-Сити Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бозиҳои Олимпиадаи XIX зимистона ба амал меоянд. Аз рӯи маълумотҳо дар он намояндагони беш аз 70 мамлакати ҷаҳон иштирок мекунанд ва дар байни онҳо варзишгарони Ӯзбекистони соҳибистиқлол ҳам буда, барои ба даст овардани медалҳои Олимпиада мубориза мебаранд.

Чуноне ба мухбирамон аз Кумитаи олимпии чумҳурият хабар доданд, варзишгарони мо ба бозиҳои Олимпиадаи XIX тайёрии пухта дидаанд. Аз он ҷумла, дар олимпиадаи мазкур аз рӯи рақси болои ях вакилонамон Татяна Малинина, Роман Скорняков, Наталя Пономарева, Евгений Свиридов иштирок мекунанд. Онҳо алҳол дар Амрико буда, дар ҳамон ҷо ба мусобиқаҳо омодагӣ мебинанд.

Дар бозиҳои олимпӣ боз ду нафар вакиламон-лижатозон Элмира ва Комил Ӯримбоевҳо ҳам иштирок мекунанд. Онҳо 3 феврал ба Амрико роҳ пеш гирифтанд. Тайёриро бошад, ба мусобиқаҳо дар базаи таълимиву машғулотии Чимён гузаронданд.

Мо ба варзишгаронамон дар мусобиқаҳо комёбиҳо талабида, танҳо «Омад ёр бод!» меғӯем.

(Хабарнигори мо).

Дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд барои беҳтар кардани сифати хизмати маишӣ ба аҳолӣ пайваста мекӯшанд. Аз он ҷумла, дар шаҳраки Искандар шабакаи хизматрасонӣ арзи ҳастӣ карда, дар бобати дӯхтани сару либоси замонавӣ аҳли он намунаи ибрат нишон медиҳанд.

Дар сурат: буррандаи шабакаи мазкур **Гумрӣ ХУДИЕВА.** Ӯ 19 сол боз дар ҷодаи мазкур хизмат мекунад.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Ҳамномҳо - қуввати якдигар

Дар иттиҳодияи бинокории Навоӣ ҷамъияти аксионерии тарзи кушод мавҷуд аст, ки ба масоили барқрасонӣ сару кор дорад. Онро «Энергоучастка» меноманд. Коллективи мазкур бо иҷрои сариваҚтии нақшаҳои корӣ ва тифоқии байни кормандон машҳур гардидааст.

Муаллифи ин сатрҳо яке аз сабабҳои чунин даст ба дасти ҳам додани аҳли ин ҷамоаро дар он дарёфт, ки ин ҷо ҳамномҳо хеле зиёданд. Тавре меғӯянд: ном, қуввати ном аст.

Дар байни аҳли ҷамоаи 40 нафара одамони миллатҳои гуногун кор кунанд ҳам, се нафар Бахтиёр, ду Сергей, ду Юрий, ду Дмитрий, ду Анатолий, ду Анвар, панҷ Александров ҳастанд. Ҷавонтарини онҳо 20-сола, калонтаринаш 55-сола будааст.

Сардори участка Павел Борисович Шафрин комёбиҳои аҳли ҷамоаи хеш комёбии ҳамномҳо меҳисобад.

Ҳоҷӣ САНГИНОВ,
собиқадори меҳнат.

Бо чархбол пул партофтанд

Як тӯи лӯлиён дар шаҳри Китилаи Руминия се шабу се рӯз давом кард. Ба ғайр аз ҳалқаву ангуштарини тилло ба сари арӯс тоҷи тиллоӣ ҳам гузоштанд. Сокинони шаҳр ҳам аз саховати тӯйдорон бенасиб намонданд. Ба сари онҳо тавассути чархболҳо 5 миллион лев пулҳои майда рехта шуд.

Баъд тафтиши ин рафтор сар шуд. Зеро домоди 18-сола дар ягон ҷо кор намекард. Кормандони мақомоти ҳифзи қонуну тартибот донистанӣ шуданд, ки ин ҳимматбаландиву исроф-корӣ аз кадом ҳисоб аст? Маълум гардид, ки домод аъзои гурӯҳи ҷиноятқороне будааст, ки бо фурӯши бачагон, алалхусус фурӯши соҳибчамолҳо шуғл меварзидааст.

Ҳамин тавр, тӯи дабдабаноки сешабонаруза ба мотам мубаддал гардид.

Дар назди телевизор бисёр нашинед

Як писараки чинӣ якбора 12 соат паиҳам телевизор тамошо карда, муваққатан қувваи басораташро гум кард. Ба ин нобиношавии ӯ бекориаш дар вақти таътил ва фурӯшандаи дӯкони видеомагнитофон будани волидайнаш сабаб шуд. Ба ғайр аз барномаҳои телевизионӣ вай соатҳои зиёдеро ба тамошои видеофилмҳо сарф мекард. Ин ҳодисаи аввалин нест, ки кӯдакон аз тамошои бисёри телевизор нобино шаванд. Аз ин рӯ, ҳама чиз бо меъёраш хуб аст. Дар назди телевизор бисёр нанишинед, ки чашми бино беҳтарин давлат аст...

Аз ҳама дарозтарин

5 сол қабл аз ин миллионери тайванӣ Су шон Як ба яке аз ширкатҳои амрикӣ фармоиш дод, ки «Линколаш»-ро бо автомашинаи дарозтарин, вале қулай табдил диҳад. Инак, фармоиш иҷро гардид. Дарозии мошини нав 10,2 метр буда, ба замми майда-чуйдаҳои дохилӣ, бо ҳавзи хурдакаки тиллоӣ таҷҳизонида шудааст. Хароҷоти умумии он ба фикри мутахассисон 542 ҳазору 830 доллари амрикоиро ташкил додааст.

Муоинаи гурба «Нобел» овард

Гурба беҳуда дар офтоб гарм намешудааст. Духтури даниягӣ Нилс Финзин чандин сол сабаби дар назди мӯрӣ аз нури офтоб баҳравар шудани гурбаи ҳамсояро тадқиқ намуд. Вай ба як далели аҷиб рӯ ба рӯ гардид: ҳамин ки офтоб ба дигар тараф гузашта, соҳи мӯрӣ ба «гармшавӣ»-и гурба ҳалал мерасонд, вай ҳатман ҷои офтобрасро интихоб мекард.

Ва ин ҳодиса сабабгор гаштуду духтури даниягӣ ба тадқиқот оиди таъсири нурҳои офтоб ба организми инсон пардохт.

Ҳамин тавр, тачрибаи духтури даниягӣ бомуваффақият ба анҷом расида, самараи хуби худро бахшид. Аввал одамон аз бисёр маризиҳо халос шуданду духтури даниягӣ соли 1903 ба гирифтани мукофоти Нобел сазовор гардид.

Мех аз хун

Ҷарроҳ А.Н.Филатов соли 1957 аз хуни хушки равгаҳнок тайёркунии мехро ба роҳ монд ва онро барои васл кардани устухонҳои шикаста истифода бурд. Ва тачрибаи мазкур натиҷаҳои хуби эҷоби бахшид.

Маълумотҳо собит мекунанд, ки мехҳои аз хуни хушк тайёршудаи дар як сантиметри мураббаъ ҷойгир гашта 500 килограмм борро бардоштаанд ва ба вақти тӯлонӣ дошт додаанд.

Қуттии сиёҳ ба автомобилҳо

То ҳол ҳамагон медонем, ки қуттиҳои сиёҳ ба тайёраҳо ва чархболҳо гузошта мешуданд.

Акнун бо тавсияи мутахассисон истифода бурдани қуттиҳои сиёҳ дар автомобилҳо ҳам ба роҳ монда шуд. Қуттии мазкур, ки аз тарафи олимони ҷопонӣ офарида шудааст, барои дар фурсати кӯтоҳ омӯхтани сабабҳои садама кӯмаки калоне мерасонад.

Ва ин ихтирои нав дар паси нишастгоҳи пеши автомобил гузошта мешаваду чун тайёра дар давоми ҳаракат кардани автомобил тамоми тағйиротҳоро сабт мекунад. Видеокамераи ҳурде, ки ба оинаи паси автомошин гузошта мешавад, тамоми рафти ҳаракатро ба тасма мебардорад.

Мутахассисон онҳоро қариб дар бадали ним сол аз озмоиш гузаронданд. Дар ин муддат даҳҳо фалокатҳо рух доданд. Вале қуттии сиёҳ бо видеокамераи ҳурд бенуқс кор карда, сабаби фалокатро возеҳу равшан нишон дод.

Нигораи аҷиб

Дар Қасри «Норвич»-и Британиёи Кабир силсилаи чойникҳо ҷамъ оварда шуда, ба онҳо ҳамчун нигораҳои нодир муносибат мекунанд. Тамошогарон нигораҳоро тамошо карда, ба мӯъҷизаи будани онҳо шакку шубҳа надоранд. Зеро аз қадим инглисҳо ҳам чойхӯр буданашон маълум аст. Вале нигораҳоро тамошо карда, тамошогарон ангушти ҳайрат мегазанд ва аз он афсӯс меҳӯранд, ки чунин чойникҳои зебо ба мардум хизмат накарда, аз рафҳо ҷойгир шудаанд. Охир, дар ин ҷо 2600 чойники мухталиф ба намоиш гузошта шудааст, ки дар солҳои мухталиф тайёр шудаанду ақаллан ягон бор ба онҳо чой дам накардаанд.

Дӯстдори танҳо як ранг

Генри Гоуп дар шаҳри Бремокилли Англия ҳаёт ба сар мебарад ва аз сокинони шаҳр аз чиҳати хулқу атвор тамоман фарқ намекунад. Фақат фарқияти ӯ аз дигарон дар ҳамин аст, ки ба ранги сабз бештар майл дорад. Аз ҳамин сабаб мудом сару либоси сабз, пойафзоли сабз мепӯшад. Мошинаи шахсиаш ҳам ранги сабз дорад. Бештар меваву сабзавотеро истеъмол мекунад, ки дар онҳо ранги сабз бартарӣ доранд. Фақат ғӯшт истеъмол намекунад.

— Агар ғӯшт ҳам ранги сабз медошт, бештар истеъмол мекардам, — меғӯяд ҳазломез ба саволи ҳамшаҳриён посух дода.

Вобаста ба иштиҳои мардум

Солҳои ҳукмронии Шӯравӣ дар ИҶШС хазинаи ҳӯрокворӣ вуҷуд дошт, ки онро барои мавридҳои фавқулодда эҳтиёт мекарданд. Ҳоло он оё мавҷуд аст?

Ба ин суоли шаҳрванди Русия масъулин ҷавоби мусбат дода гуфтаанд, ки пасандози пӯшокаву нӯшокаи лозима ва даркорӣ ҳоло ҳам ҳаст. Вале миқдори муайяни онҳоро гуфтан нашояд. Вай сирри махфист.

Ба суоли навбатии «тӯли чанд моҳу сол ин захира ба мардум мерасад?» масъулини кумитаи давлатӣ файласуфона чунин ҷавоб гардондааанд: «Ба иштиҳои ҳуди мардум вобаста аст?»

Турфа олам

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.
Рӯзнома дар компутерҳонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст.
Тартиби номнависшуда № 16. Г - 149.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Х/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: **Б.ТӮЙНАЗАРОВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.